НАМОИШИ МАҲСУЛОТИ ХУШСИФАТ ВА АРЗОН с.7

ШОДӢ ШАБДОЛОВ - СИЁСАТМАДОРИ ДУРАНДЕШ с.13

АЗ МАСҶИД БА ВОЕНКОМАТ с.11



ТОҶИКИСТОН

№43 (1554)
25.10.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

БАХШИШИ ГУНОҲ МЕХОҲАМ



Мусоҳиба бо як тоҷикистонӣ, ки аз зиндон ба ҷанги Украина бурда шуд



ДАР ИН ШУМОРА:

МОҶАРОИ ФАЛАСТИН
Саҳнасозӣ ё амали террористӣ? с.4

СУРЪАТИ ИНТЕРНЕТ
Нигаронии Мирзонабот ва ҳушдори Бег Сабур с.2

ГАЗУ БЕНЗИН КАМЧИН
Таксиҳои 7-сомонӣ 10-сомонӣ шуданд с.5

РУСИЯ
Квота зиёд шуду муҳоҷиршикор кам не с.8

МАСЪУДИ МИРЗО:
Тоҷикони Ӯзбекистон дигар намеҳаросанд с. 9

ҶИНОЯТ
Ҳабси 6 фарзанди муҳоҷирон с. 11

ВАРЗИШ
UFC. Як варзишгари тоҷик ғолиб омаду дигаре шикаст хӯрд с. 10

КАНЗИ ШИФО
Диабети қанд ва хатар ба пойҳо с. 12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

БЕГ САБУР ЯК ҲАФТА МУҲЛАТ ДОД

Сардори Хадамоти алоқаи Тоҷикистон Бег Сабур дар вохӯрӣ бо намояндагони ширкатҳои мобилӣ ва ширкатҳои интернетрасон вобаста ба мушкилоти соҳаи алоқа мулоқот анҷом дод.

Бег Сабур дар ин вохӯрӣ масъалаҳои тезонидани раванди гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ, ҳалли мушкилоту монеаҳои мавҷуда ва таъмини дастрасии комили шаҳрвандон ба интернети баландсуръатро баррасӣ кардааст.

Вобаста ба гузариш ба низоми пардохти ғайринақдӣ Бег Сабур ба масъулин супориш додааст, ки ҳамкорӣ бо бонкҳо ва ташкилотҳои молиявиро беш аз пеш тақвият бахшида, мушкилоту монеаҳо дар сатҳи ҷамоату деҳаҳоро бартараф кунанд.

Сардори Хадамот дар вохӯрӣ ба масъулин супориш додааст, то манотиқеро, ки дар он ҷойҳо дастрасӣ ба алоқаи мобилӣ ва интернет заиф аст, муайян карда, барои бартараф сохтани камбудиҳо дастбакор шаванд.

Барои ин аз ҳисоби масъулини Хадамоти алоқа, ширкатҳои мобилӣ ва сохторҳои дигар гурӯҳи корӣ ташкил шуда, барои омода намудани ҳисоботи мукаммал ба онҳо як ҳафта муҳлат дода шуд.

"Пас аз пурра муайян гардидани ин гуна минтақаҳо, мушкилоти алоқаи мобилӣ ва интернет дар кӯтоҳтарин муҳлат бартараф шавад",- ба масъулин супориш дод Бег Сабур.



ДАР ХАТЛОН ТАЛОҚ КАМУ НИКОҲ ЗИЁД ШУД

Давоми нуҳ моҳи соли равон дар вилояти Хатлон 1 ҳазору 931 ақди никоҳ бекор карда шудааст. Ин ҳам дар ҳолсет, ки дар ҳамин давраи соли 2022 бекоршавии ақди никоҳ 2 ҳазору 784 ҳолатро ташкил мекард.

Бунафша Раҳимзода, сардори шуъбаи аснодии ҳолати шаҳрвандии Раёсати адлия дар вилояти Хатлон гуфт, ки бо бештар кардани суҳбату вохӯрӣ бо сокинон чудошавии оилаҳо кам гардидааст.

Ӯ мегӯяд, ки дар нуҳ моҳи соли 2023 ба фарқ аз ҳамин давраи соли гузашта 853 ҳолати бекоршавии ақди никоҳ кам шуд.

Ба таъкиди вай, аз шумораи умумии бекоршавии ақди никоҳ 1 ҳазору 400 ҳолат бо қарори суд, 490 никоҳ бо розигии ҳамсарон, ки фарзанди умумии ноболиғ надоранд ва 41 ҳолати дигар бо аризаи яке аз ҳамсарон бекор шудааст.

Аз ҳисоби бекоршавии ақди никоҳи сокинон феълан 1 ҳазору 827 кӯдак дар тарбияи модар ва 17 кӯдаки дигар дар тарбияи падар қарор доранд.

Ин ҳам дар ҳолсет, ки дар нуҳ моҳи соли 2023 дар вилояти Хатлон бақайдгирии давлатии ақди никоҳ 20 ҳазору 219 ҳолатро ташкил мекунад. Ин дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2022-юм 1 ҳазору 119 ақди никоҳ зиёд мебошад.

АМОНАТБОНК ТЕЪДОДИ ПАСАНДОЗГУЗОРОНАШРО ГУФТ

Дар 9 моҳи соли равон Амонатбонк дар ҳаҷми 93,8 млн сомонӣ даромади соф ба даст овардааст.

Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29,6% зиёд мебошад. Дар натиҷаи эътимоди аҳолӣ ба Амонатбонк, шумораи пасандозгузорон дар ин бонк ба зиёда аз 2 млн нафар расидааст.

Дар ин бора зимни ҷаласа масъулини КВД БА ҶТ "Амонатбонк" оид ба натиҷаҳои фаъолият дар нуҳ моҳи соли 2023 изҳор намуданд.

Ҳамчунин, Амонатбонк дар 9 моҳи соли равон дар маҷмуъ 63,8 млн сомонӣ маблағҳои андозу пардохтҳои ҳатмиро аз рӯи фаъолияти худ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ гузаронидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 41,1% зиёд мебошад.

Бонк ба ҳолати 30-юми сентябри соли 2023 аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ ба зиёда аз 42 ҳазор муштарӣ 1,4 млрд сомонӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод намудааст.

НИГАРОНИИ АЛИШЕР МИРЗОНАБОТ АЗ СУРЪАТИ ИНТЕРНЕТ ДАР ВМКБ

Алишер Мирзонабот, раиси ВМКБ зимни як ҷаласа аз фаъолияти баъзе бахшҳо изҳори нигаронӣ кард.

Тавре ки дафтари матбуотии ҳукумати вилоят хабар медиҳад, дар машварати назоратии назди раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки рӯзи 25-уми октябр баргузор шуд, масъалаҳои таъмини бехатарӣ аз сӯхтор, касбомӯзии шаҳрвандон, мубориза бо фасоди молӣ ва таъмини интернету алоқаи мобилӣ дар ҳудуди ин вилоят баррасӣ шуд.

Дар ин ҷаласа Алишер Мирзонабот таъкид кард, ки алҳол дар баъзе минтақаҳо суръати интернет паст буда, алоқаи одии мобилӣ низ қонеъкунанда нест.

Дар ин замина таъкид шуд, ки ин мушкилот бо назардошти ба инобат гирифтани минтақаҳои дурдасти вилоят бояд дар кӯтоҳтарин фурсат ҳалли худро пайдо кунед.

САРИ САБЗ



Саодат АЗИЗОВА,
Ҳунарманди халқии Тоҷикистон

- Духтарҳои ҳозира бисёр эрка ва бетоқат шудаанд. Мехоҳанд, ки ба шавҳар баромадан баробар хонаю дарашонро ҷудо карда, бо табъи дили худ зиндагӣ кунанд, вале ин хел намешавад. Зан бояд сабур бошад.


- Духтарҳои насли нав, асри технологияву пешравиҳо-дия, муаллима! Агар аҳамият дода бошед, ҳатто барои зуд ба шавҳар баромадан ҳам бетоқатӣ мекунанд.



Бег САБУР,
сардори Хадамоти алоқа

- Ҳарчанд то имрӯз нархи интернет ва зангҳои телефонӣ арзонтар шудааст, аммо он қонеъкунанда набуда, дар ин замина ба тамоми ширкатҳои мобилӣ ва провайдерҳои интернетӣ супориш дода мешавад, ки ҷиддан талош намоянд.

- Офарин, рафиқ сардор! Умед мебандем, ки ширкатҳои мобилӣ ва провайдерҳои интернетӣ супоришатонро ду намекунанд ва ақаллан ба суръату сифат таваҷҷуҳ медиҳанд.



Баҳора РӮЗИЕВА,
блогери тоҷики муқими Русия

- Азбаски дар Маскав зиндагӣ мекунам, мутаассифона дар онҷо фаъолияти "TIk-Tok" манъ шудааст. Ҳар гоҳе, ки ба Тоҷикистон меоям, аввал ба "TIk-Tok" ворид шуда, наворҳои худро мегузорам.

- Ана дидед, шароит дар Тоҷикистон ҳатто аз Маскав беҳтар будааст. Маслиҳат медиҳем, ки гашта ба ватан биёед, вагарна бе "TIk-Tok" фаъолияти блогерӣ маъно надорад.

БАХШИШИ ГУНОҲ МЕХОҲАМ

Мусоҳиба бо як тоҷикистонӣ, ки аз зиндон ба ҷанги Украина бурда шуд



Дар канали расмии журналисти украинӣ Дмитрий Гордон дар YouTube рӯзи 11-уми октябр мусоҳибаи ӯ бо як зодаи Тоҷикистон нашр шуд, ки Беҳрӯз ном дорад ва аз маҳбаси вилояти Самара ба ҷанги Украина рафтааст. Ӯ дар ин суҳбат дар боби чӣ тавр ба ҷанг ҷалб шуданаш, ваъдаҳои Евгений Пригожин ва ЧВК "Вагнер" ва таслим шуданаш ба артиши Украина қисса мекунад…

Пушти панҷара

Беҳрӯз мегӯяд, ки ҳамагӣ 26 сол дорад, лекин аллакай ду бор ба зиндон маҳкум шудааст. Ӯ соли 2013 дар синни 16-солагӣ ба Русия омадааст, то ки ба падараш ёрӣ расонад.

"Падарам дар ферма кор мекард. Ман аввал дар сохтмон ва баъдан дар анборҳо кор кардам. Вақте ки 19-сола будам, барои дуздӣ ва роҳзанӣ ба муҳлати 7,5 сол зиндонӣ шудам".

Беҳрӯз мегӯяд, ки баъди 5,5 сол пеш аз муҳлат озод мешавад ва дар Новосибирск, дар анбори интернет-мағозаи "Озон" ба кор шуруъ мекунад. Баъди 8 моҳ дубора бо ҷурми қочоқи маводи мухаддир ба муҳлати 7,5 сол равонаи зиндон мешавад.

Даъвати Пригожин

Беҳрӯз мегӯяд, ки вақте як соли муҳлати зиндонро дар шаҳри Толятии вилояти Самара пушти сар кард, бо даъвати роҳбари ЧВК "Вагнер" Евгений Пригожин ба амалиёти низомӣ ҷалб шуд.

"Пригожин худаш ба зиндони мо омада, гуфт, ки артиши Русия ба кумаки мо ниёз дорад. Аз зиндони мо 200 нафарро ҷалб кард. Ваъда дод, ки агар ним сол ҷангем, моро афв карда, ҳамаи доғи судиамонро бекор мекунанд. Ва боз пул ҳам пардохт мекунанд. Сарфи назар аз муҳлати ҷазо".

Беҳрӯз мегӯяд, ки баъди Пригожин як нафар аз Вазорати дифоъ низ омада, онҳоро "насиҳат" кардааст: "Шахсе ки аз Вазорати мудофиа омад, гуфт, ки падару бобоҳои мо бо немисҳо ҷанг кардаанд ва агар мо зинда монем, бо сари баланд мегардем, чунки дар фронт будем. Ҳамчунин гуфт, ки мо хати дуюми фронтро муҳофизат мекунем".

15 рӯз омӯзиш

Беҳрӯз дар мусоҳиба мегӯяд, ки онҳоро дар Ростов 15 рӯз машқу омӯзиши ҳарбӣ доданд. Баъди ин онҳо дар ду мавзеъ барои худ хандақ мекобанд, то ки паноҳ баранд. Баъди ин, онҳоро ба ҳамла мебаранд.

"Вақте гуфтанд, ки ба амалиёти ҷангӣ омодагӣ гирем, гӯё ба ҳамла рафтан лозим аст. Ҳама ба даҳшат афтодем, кадом ҳамла?! Охир, дар ин бора ягон гапе набуд-ку! Моро 110-нафарӣ мебурданд, ба ин тариқ 5 взвод ташкил шуд. Вазифаи мо нигоҳ доштани хати мудофиа муқаррар шуд. Вақте ки танкҳо омада, моро бомбандозӣ карданд, фармон доданд, ки ақибнишинӣ кунем. Рӯзи дигар ба деҳаи Новодонетск рафтем. Он ҷо ҳам хати мудофиаро нигоҳ доштан лозим буд. Он ҷо 10 рӯз истодем, аз ротаи мо талафот зиёд буд. Ба мо гуфтанд, ки чизҳоямонро ҷамъ кунем, то ки ба хати ҷангал равем. Бо гузашти чанде вақт аз 110 нафар 35 кас боқӣ монда, дигарон кушта ё захмӣ шуданд".

Таслим ба Украина

Беҳрӯз мегӯяд, ки худаш ба артиши Украина таслим шудааст: "Мо се кас будем ва хеши як нафар аз мо дар Киев зиндагӣ карда, шиносҳои ӯ бар зидди Русия меҷангиданд. Ин шахс бо онҳо тамос гирифта, гуфт, ки моро метавонад наҷот диҳад, то ки ба "ҷанги пуршиддат" наафтем. Ба мо тариқи WhatsApp координатҳо фиристоданд, то ки ба мавзеи украиниҳо равем ва чӣ гуна беосеб аз майдонҳои минакоришуда гузарем. Агар чунин имкон дар рӯзҳои аввал пайдо мешуд, ман дарҳол розӣ мешудам. Чунки вақте аз 110 нафар 35 кас боқӣ мемонад, ту ё ҷиддӣ ҷароҳат бардошта, бедасту по мемонӣ ё кушта мешавӣ. Роҳи дигар нест".

Тарс аз Русия

Беҳрӯз ҳамчунин дар ин суҳбат ба саволҳои сиёсии Гордон посух медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки мақсади ширкат кардан дар ҷангро надошт.

"Нақшаи ҷанг кардан надоштам, агар ман нияти ҳамлаву куштанро медоштам, вақте ки "Вагнер" бори аввал омад, розӣ мешудам. Боз он вақт ҳамагӣ ним сол буд. Ҳеҷ вақт ба самти Украина ягон тир холӣ накардаам",- мегӯяд ӯ.

Ӯ мегӯяд, ки орзуи ниҳояш баргаштан ба Тоҷикистон аст, зеро зодгоҳаш Душанберо 10 сол боз надидааст. Ӯ ҳамчунин аз он нигаронӣ мекунад, ки агар зимни додугирифти асирон ӯро ба Русия бидиҳанд, аҳволаш хеле бад мешавад.

Гордон аз Беҳрӯз суол мекунад, ки дар вақти намоз аз Аллоҳ чӣ мехоҳад? "Пеш аз ҳама, бахшидани гуноҳҳоям...",- посух медиҳад ӯ.

Тоҷикон асири ҷанг

Ёдовар мешавем, ки Беҳрӯз ягона зодаи Тоҷикистон нест, ки аз зиндонҳои Русия ба ҷанг бо Украина фиристода шудааст.

Бо ин шева беш аз 100 шаҳрвандонаш ба ҷанг рафтаанд. Дар ин бора моҳи августи соли ҷорӣ вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода хабар дода буд.

Мақомоти Русия барои иштироки тоҷикон ва дигар шаҳрвандони Осиёи Марказӣ дар амалиёти ҷангӣ ба маҳбусон маоши хуб, бекор кардани доғи судӣ сарфи назар аз муҳлати ҷазо ваъда мекунанд. Ҳастанд ҳолатҳое, ки маҳбусон иҷборан ба ҷанг бурда шудаанд.

Барои мисол моҳи феврали соли равон зодаи ноҳияи Рӯдакӣ Мақсад Қурбоновро зӯран ба ҷанг фиристоданд. Дар ин бора наздикони ӯ ба Радиои Озодӣ хабар доданд. Падари ӯ Файзулло гуфта буд, ки "Мақсад дар охирин суҳбаташ 4 моҳ пеш гуфтааст, ки "зиёда аз 100 нафар маҳбусонро ҷудо карда, зӯран ба Мариупол мефиристанд". Мақсад ҳангоми задухӯрдҳо дар шаҳри Бахмут кушта мешавад.

Чунин ҳодисаҳо баъди оғози амалиёти низомии Русия дар Украина зиёд ҳастанд.

Ҳамчунин мақомоти Русия ғайримаҳбусонро низ бо роҳи шартнома ба амалиёти низомӣ ҷалб мекунанд. Ахиран, қазияи Шарифҷон Тиллозода - актёри тоҷик расонаӣ шуд, ки барои ҷосусӣ муттаҳам мешавад.

Мақомоти Тоҷикистон борҳо эълон кардаанд, ки шаҳрвандони кишвари мо дар амалиётҳои низомӣ ширкат накунанд. Ширкати шаҳрвандони Тоҷикистон дар амалиётҳои низомӣ дар кишварҳои хориҷа ҷиноят буда, чунин нафаронро зиндон таҳид мекунад. Вале бо вуҷуди ин, чунин ҳолатҳо рух медиҳанд.

Бинобар ин, ҷавонмардони тоҷикро зарур аст, ки эҳтиёт бошанд. Дар сурати ба чунин ҳодиса рӯ ба рӯ шудан ба мақомоти кишвар муроҷиат кунанд. Муҳоҷирон метавонанд ба намояндагии Тоҷикистон дар Русия низ муроҷиат намоянд. Зеро ҳеҷ чиз арзиши онро надорад, ки инсон ҷонашро барои ҷанги дигарон зери хатар бимонад.

Д. ҚОДИРПУР,
журналист

ҚУРБИ РУБЛ БОЛО РАФТ

Қурби рубли Русия нисбати арзи миллии Тоҷикистон - сомонӣ ба андозаи 5,5% боло рафт.

Қурби расмии рубл нисбати сомонӣ, ки ҳамарӯза аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) муқаррар карда мешавад, аз 109,9 сомонӣ барои 1000 рубл дар рӯзи 11-уми октябр то ба 115,9 сомонӣ дар имрӯз афзуд.

Мутаносибан, дар нуқтаҳои мубодилаи асъори бонкҳо низ қурб дар ҳамин сатҳ тағйир ёфт: аз 110 сомонӣ (харид) ва 112 (фурӯш) дар рӯзи 11-уми октябр то ба 116 (харид) ва 118 сомонӣ (фурӯш) барои 1000 рубл.

Дар ҳамин ҳол, ба навиштаи "Ведомости", нимаи рӯзи 23-юми октябр қурби доллар нисбати рубл то поинтар аз 95 рубл (1 доллар) кам шуд.

ҶАМЪИЯТИ ДӮСТИИ РУСИЯ ВА ТОҶИКИСТОН БА ФАЪОЛИЯТ ОҒОЗ КАРД

Дар Душанбе "Ҷамъияти дӯстии Русия ва Тоҷикистон" ба фаъолият оғоз кард.

Ин созмон ба рушди ҳамкориҳои гуманитарӣ ва иқтисодии байни ҳар ду кишвар машғул хоҳад шуд. Семён Григорев, сафири Русия дар Тоҷикистон ва ҳамзамон раҳбари ифтихории «Ҷамъияти дӯстӣ бо Тоҷикистон» гуфтааст, ки ин созмон дар самти дипломатияи мардумӣ низ фаъолият хоҳад кард.

Ба гуфтаи Семён Григорев, сафири Русия дар Тоҷикистон, ҳангоми таъйин шуданаш ба ин мақом барои вай хеле тааҷҷубовар буд, ки дар ду кишвар ягон созмоне, ки ба дипломатияи мардумӣ, яъне дар самти ба роҳ мондани робита байни мардуми одӣ кор кунад, мавҷуд нест.

Ба гуфтаи вай, ин вазифаро «Ҷамъияти дӯстӣ бо Тоҷикистон», ки дар назди куҳантарин созмони ҷамъиятии Русия - Анҷумани ҳамкории байналмилалии Русия таъсис шудааст, ба зимма мегирад.

Ба гуфтаи Владимир Полозков, дабири кулли Анҷумани ҳамкории байналмилалии Россия, «Ҷамъияти дӯстӣ бо Тоҷикистон» фарҳанги тоҷиконро дар Русия таблиғ карда, лоиҳаҳои башардӯстона, ҳамчунин дар бахши ҷавонон ва маорифро пуштибонӣ хоҳад кард.



МОЧАРОИ ФАЛАСТИН

Саҳнасозӣ ё амали террористӣ

Мақолаи мазкур дар такя ба далелҳои таърихӣ ва китобҳои динӣ нигошта шудааст

ЯК СИЁСАТМАДОР ВА ДУ МАВҚЕЪ…

Қабл аз он, ки андешаҳои худро доир ба фоҷиаи Исроил ва Фаластин бигӯем, аз суханронии як шахси калидӣ ва таъсиргузор дар Ховари наздик ду мисол меорем. Бубинед, ки ин гуфтаҳо то чӣ андоза аз ҳамдигар фосила доранд ва гирехи масъалаи мавриди баҳсро ба содагӣ боз мекунанд. Ин шахс Бенёмин Нетаняҳу, сарвари ҳизби Ликуд (с. 1993-1999 ва с. 2005), вазири дифоъ (с. 2018-2019) Сарвазири Изроил (солҳои 1996-1999, 2009-2021, 2022 то имрӯз) аст, ки моҳи марти соли 2012 ҳангоми баромад дар Кнессет (мақоми қонунгузор, парлумони Изроил) гуфт: “Ҳар нафаре, ки намехоҳад Фаластин ба ҳайси як кишвари озод эътироф шавад ва мо бояд амнияти Исроилро ба ин васила таъмин кунем, бояд аз лиҳози молӣ Ҳамос (Ҳаракат ал-Муқовама ал Исломия, як шохаи ҷангии Ахвон ал Муслимин)-ро дастгирӣ кунад”.

Вале чанд рӯз қабл баъд аз ҳамлаи Ҳамос ба Исроил хитоб ба Ҳамос ҳарфҳое зад, ки комилан хилофи ин гуфтаҳо буданд: “Мо агар амнияту оромии Исроил ва дифоъ аз иззату шарафи мардуми яҳудиро мехоҳем, бояд Ҳамосро то охирин размандааш маҳв кунем ва агар дар ин росто заруврат пеш омад, Ғаззаро, ки қароргоҳи ин созмони террористист, ба хок яксон кунем!”...

Бояд мунсифона бигӯем, ки ҳамлаи ахири Ҳамос ба хоки Исроил бидуни шубҳа амали террористӣ буд, ки садҳо тан мардуми мулкии яҳудӣ ва сайёҳони хоричиро ба коми марг кашид, ҳазорон нафари дигар ҷароҳат бардоштанд ва теъдоде ба шумули кӯдакон то ҳанӯз дар асорати террористон қарор доранд.

Вале суол сари ин аст, ки ин саҳнасозӣ кори кӣ буд ва оё Ҳамос аз ин имконот бархӯрдор буд, ки ба танҳоӣ тавонад як кишвари аз лиҳози ҳарбӣ абарқудрати минтақаро шикаст диҳад ва шарманда кунад? Чаро “Гунбади оҳан”-и Исроил, ки ҳатто ба пашша иҷозат намедод, ки бидуни иҷоза фазояшро убур кунад, пешорӯи мушакҳои сода ва дастисохти “Қасам” нотавон шуд? Чаро чанд тан ҷангии Ҳамос бо дучархаву парапланҳо тавонистанд, ки артиши Исроилро, ки иборат аз зиреҳпӯшҳо ва ҳавопаймоҳои ҷангии замонавӣ аст, шикаст диҳанд? Ва ниҳоят созмон додани Ҳамос ба манфиати кӣ буд ва дар дунболи он кадом ҳадафҳо пайгирӣ мешуданд? Боварҳои динӣ ба ин мочаро чӣ алоқамандӣ доранд?

Мо мехоҳем дар маҳдудаи мақола ба ин суолҳои бахсбарангез посух диҳем, то мочарои Фаластинро, ки қурбонии сиёсатҳои бузург аст, то андозае тавзеҳ бидиҳем.

Ту ва Фаластини шаҳид

Ба ҷойи ин ҳама ғавғо ту ҳам савод омӯз,
Ба ҷои ин ҳама фарёд, иттиҳод омӯз.
Ба ҷои ин ҳама даъво ту ҳам муҳандис шав,
Ва илмро пас аз ин ҳамчу эътиқод омӯз.
Яҳуд як фисади мардуми мусулмон нест,
Вале чаро ба ту пирӯз шуд? Тазод омӯз.
Чаро, ки ӯ ба ҳама арса дарс мехонад,
Бишину рози тараққии ин нажод омӯз.
Илоҳиёт биёмӯхтӣ ту, мошаллоҳ,
Кунун сиёсату таъриху иқтисод омӯз.
Намозу зикр биёмухтӣ, ҳалолат бод,
Кунун муодилаву ҳалли рамзу код омӯз.
Тамоми арзи Худо масҷид аст, он кофист,
Биёву сохтани мактабу завод омӯз.
Ту қарз кардаву ҳар сол ҳаҷҷу умра нарав,
Ба илм харҷ бикун, дониши зиёд омӯз.
Бубин, ки душмани динат чӣ гуна бераҳм аст!!!
Фановарии наву артишу ситод омӯз.
Ту ҳам ба сақфи ватан гунбаде зи оҳан зан,
Идора кардани обу замину бод омӯз.
Хабар расид, ки то ними рӯз дар хобӣ,
Дар аввалин қадамат, машқи бомдод омӯз.
Фасод кардаву хайрийя мекунӣ, ҳайҳот,
Дигар ту хайр накун, тарки ин фасод омӯз!
Ҷиҳоди акбари ту ҳифзи Тоҷикистон аст,
Дигар фиреб нахӯр, маънии ҷиҳод омӯз.

Абдуллоҳи РАҲНАМО



ЧӢ ГУНА АЗ БОВАРҲОИ ДИНӢ ИСТИФОДА МЕКУНАНД…

Абарқудратҳо ҳаргиз ҳизбу созмонҳоеро, ки воқеан демократӣ ҳастанд ва мехоҳанд бо роҳи осоишта ва бо истифодаи “нерӯи нарм” дар кишваре “инқилоб” кунанд, ҳаргиз мавриди маблағгузорӣ ва пуштбонӣ қарор намедиҳанд. Ҳадафи онҳо ҳамеша дастгирӣ ва сарпарастии аҳзобу ҳаракатҳои диниву мазҳабӣ ва ё фашистиву нажодпарастӣ аст. Мисли ин, ки тӯли даҳсолаҳо Ихвон ал- Муслимин, Ваҳобия, Салафия, Ал-Қоида, ДОИШ, Толибон ва даҳҳои дигар дар ин замина аз ҷониби абарқудратон таъсис дода шуданд.

Чаро олами ғарб ба хотири пиёда кардани аҳдофи геополитикӣ ва геоиқтисодии худ, бештар аз дину мазҳаб кор мегирад? Чаро, ки эътиқод ба дину мазҳаб ва догмаҳои он дар байни омма ҳеҷ гоҳ мавриди баҳс ва шубҳа қарор намегиранд. Касе, ки догмаи динӣ ва ё мазҳабиро мавриди шубҳа қарор дод, зуд ба унвони ёғӣ ва такфирӣ бо бадтарин шева мучозот мегардад. Мисли ин, ки имрӯз агар нафаре аз бедодиҳои Исроил садо баланд кард, дар ҷомеаи Аврупо фавран ба унвони антисемит муттаҳам мешавад. Боварҳои мардумӣ ба дурустии ақоиди динӣ ва баҳснопазир будани онҳо, тӯли асрҳо қолабрезӣ шудаанд. Аз ин рӯ ҳар амали ғайриинсоние, ки аз номи дин ва мазҳаб тарҳрезӣ ва ё роҳандозӣ мешавад, бояд мавриди шубҳа ва ё баҳс қарор нагирад.

Ҳамин гуна андешаҳои ортодоксӣ на танҳо дар дини ислом, балки дар меҳвари таълимоти адёни дигар низ қарор доранд.

Биёед равзанаеро ба ҳақиқати таълимоти дини бани Исроил, ки такя ба ҳиллаву фиреб дорад ва мутаассифона аз ҷониби ин қавм ба унвони амали солеҳ ва дуруст пазируфта шудааст, боз мекунем.

Дар китоби муқаддаси Бани Исроил, Таврот қиссаи паёмбар Исҳоқ ва фарзандонаш Яъқубу Исав ба наҳви хеле ҷолиб ривоят шудааст. Яъқуб ҳанӯз дар батни модар бо бародари дугоникаш Исав мочаро дошт, ки бояд ба хайси нахустфарзанд ба дунё ояд. Нақл мешавад, ки вақте Исав таваллуд шуд, Яъқуб аз банди пойи ӯ медошт ва мехост, ки бозпас ба батни модар кашад. Ривояти дигар ин аст, ки Яъқуб аз бародараш Исави гурусна ва дар ҳоли марг, бар ивази пораи нон ҳақи нахустфарзандиро бо роҳи фиреб ба даст меорад ва ниҳоят бо роҳнамоии модараш назди падари нобинояш, паёмбар Исҳоқ бо либоси Исав ҳозир мешавад ва аз падар дуо мегирад, ки рисолати паёмбариро идома диҳад. Ҳатто ба хотири фиреби падар ба даст пӯсти гӯсфандро мекашад, ки ҳангоми ламс кардан байни ӯ ва Исави сермӯй фарқ нагузорад.

Яҳудиёни ортодокс ин ривоятро, ки дар Таврот зикр шудааст, то ҳол арҷ мегузоранд ва эътиқоди диниашон низ бар ин асос меёбад, ки фиреб дар роҳи расидан ба ҳадафхо гунох нест.

Мисли ин, ки дар Исроил то ҳол ҷашни Пурим тачлил мешавад. Ин ҷашн ба қатли оми беш аз 75 000 форсҳо иртибот дорад, ки низ дар китобҳои муқаддаси яҳудиён зикраш рафтааст. Истар, бо раҳнамоии амуяш Мордахай яҳудӣ будани худро пинҳон медорад ва ба издивочи шоҳ Ардашер медарояд. Вазири Ардашер Ҳомун аз фитнаҳои яҳудиён бохабар мешавад ва мехоҳад онҳоро мучозот диҳад, вале бо афсунҳои Истар, ки Ардашерро гумроҳ карда буд, дар як шаб бо даҳ фарзандаш ва ҳазорҳо нафар мардуми мулкии форс кушта мешавад. Пеш аз эъдоми Ҳомун гӯшҳои ӯро мебуранд ва то имрӯз яҳудиёни ортодокс дар ҷашни Пурим самбӯсаи секунҷа омода мекунанд, ки ба унвони “хоменташ”- “гӯшҳои Ҳомун” маъруф аст.

Тақрибан дар аксари китобҳои муқаддаси динҳои башарӣ мисли ин қиссаҳое ворид шудаанд, ки мувассақ нестанд ва боварҳои динии инсонро замина мегузоранд. Пайравони худро ба наслкушӣ ва қатли ом таҳрик медиҳанд, ки амали ваҳшиёна ва ғайриинсонист.

ЧАРО МОҶАРОИ ФАЛАСТИН ТО ҲАНӮЗ ГАРМ АСТ?

(Фаластин моли кист, яҳуд ё араб?)

Дар аз се ду ҳиссаи минтақаи Ғазза арабҳое, зиндагӣ мекунанд, ки аз заминҳои ғасб кардаи Изроил паноҳ бурдаанд. Имрӯз зулм нисбати ин мардум ба ҳадде расидааст, ки Бани Исроил мехоҳад ҳақи зистанро барои онҳо ҳатто дар ин минтақа масдуд кунад.

Дар таврот омадааст, ки ҳанӯз дар давраи Канъонӣ (Ханаан), то асри 4 қабл аз мелод, дар манотиқи навори Ғазза то Ашдод, Ғот ва Акрон фаластиниҳо зиндагӣ мекарданд. Баъд аз фатҳ шудани ин сарзамин аз ҷониби яҳудиҳо мардуми бумӣ ронда шуданд. Тӯли дарозои таърих Фаластин борҳо аз ҷониби асуриҳо, форсҳо, румиҳо, бизонсҳо (византия), салибиён (юриши салибии масеҳиён), мамлукҳо, Империяи Усмонӣ ва Британияи Кабир тасхир ва ғорат шудааст. Арабҳо вақте ки соли 634 Фаластинро фатҳ карданд, дар он ғолибан румиҳои шарқӣ ҳукумат доштанд, на яҳудиҳо.

Дар Ҷанги якуми ҷаҳон бо ибтикори Британиё дар ҳайати артишаш “Легиони яҳудиён” таъсис дода шуд, ки барои фатҳ кардани Фаластин ёрӣ расонд. Соли 1917 вазири хоричии Британиё Артур Болфур санадеро имзо кард, ки баъдтар ба унвони “Эъломияи Болфур” шинохта шуд. Ин баёния эълом кард, ки Британиё “ба таъсиси як хонаи миллӣ барои яҳудиён дар хоки Фаластин нигоҳи мусбат дорад”.

(Давомаш дар саҳ. 15)

Мушкилот

ГАЗУ БЕНЗИН КАМЧИН

Таксиҳои 7-сомонӣ 10-сомонӣ шуданд



Дар натиҷаи болоравии нархи газу бензин, акнун дар Тоҷикистон камчинии сӯзишворӣ ба мушоҳида мерасад. Феълан, дар баъзе нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ нархи гази моеъ ба 8 сомонӣ расида, дар нуқтаҳое, ки он арзон аст, лимит ҷорӣ шудааст.

Илова бар ин, тайи чанд рӯзи охир сокинон аз он шиква мекунанд, ки таксиҳои “7-сомонӣ” арзиши хизматрасониашонро ба 10 сомонӣ боло бурдаанд. Ин таксиҳо, ки дар ҳудуди шаҳр мегарданд, бештар бидуни иҷозатнома кор мекунанд, вале сокинони пойтахт зиёдтар аз онҳо истифода мебаранд.

Сокинони пойтахт менависанд, ки вақте ба ронандагон 10 сомонӣ дароз мекунанд, онҳо худро ба нодонӣ андохта, бақияро намедиҳанд.

Фурӯғ Салимшоева, як сокини пойтахт дар суҳбат бо хабарнигори Pressa.tj бо нигаронӣ гуфт, ки боло рафтани арзиши таксӣ ӯро нигарон кардааст.

“Дар аввал ин таксиҳо 3 ва баъд 5 сомонӣ буданд. Чанде пеш 7 сомонӣ шуданд. Чанд рӯзи охир якбора нарх 3 сомонӣ зиёд шуд. Ҳар гоҳ нархи сӯзишворӣ боло барояд, албатта ин ба нархномаи нақлиёти шаҳр таъсир мерасонад, вале ҳеҷ надидем, ки бо пойин рафтани нархи газ роҳкиро низ арзон шавад”,- мегӯяд Фурӯғ Салимшоева.

Ӯ мегӯяд, ки бо сабаби хуб набудани саломатиаш аз нақлиёти серодам истифода карда наметавонад. Аз ин рӯ, маҷбур мешавад ҳар рӯз 20 сомониро барои роҳкиро сарф намояд.

Фурӯғ Салимшоева ягона сокини Душанбе нест, ки аз болоравии роҳкиро дар пойтахт шикоят мекунад. Мавҷи шикоятҳо то ба шабакаҳои иҷтимоӣ расида, аҳолӣ аз роҳбарон ва масъулин хостори бартараф намудани камбудӣ ва мушкилиҳо ҳастанд.

Журналист Шервони Умриддин низ аз ин вазъ нигаронӣ кардааст. “Во аҷабо!!! Таксиҳои ғайриқонунии 7-сомонӣ дар шаҳри Душанбе 10-сомонӣ шуд!”,- навиштааст ӯ дар “Фейсбук”.

Дар ҳамин ҳол, ронандаҳои таксӣ иддао доранд, ки дар боло рафтани нарх гунаҳгор нестанд. Онҳо боло рафтани нархи маводи сӯзишворӣ ва камчин шудани он, бахусус гази моеъро барои дигарбора боло бурдани нархи роҳкирои ин навъи нақлиёти мусофиркашон далел меоранд.

Фирдавс ном ронандаи таксӣ гуфт, ки “мо ҳам мехоҳем нархҳо боло нараванд, вале чӣ илоҷ, сӯзишворӣ қиммат аст. Пули кормекардаамон гоҳе нархи сӯзишвориро намепӯшонад”.

Ин ронанда гила кард, ки муштариён танҳо фикри роҳкироро мекунанд ва ба хидмати ронанда эҳтиром намегузоранд.

“Муштариён бо кӯдакон дохили мошин медарояну доду фарёд мекунанд ва ба мо фармоиш медиҳанд, ки зудтар мошинро ронед. Мегӯянд “мо вақт надорем, ки интизори одам гирифтани ту шавем”. Он гоҳ мо маҷбур мешавем бо як ё ду мусофир гирди шаҳрро гардем”,- мегӯяд Фирдавс.

Дар ҳақиқат, нархи гази моеъ, ки дар аввали моҳи октябр 6 сомонӣ буд, дар Душанбе то ба ҳадди 8 сомонӣ расидааст ва ончунон камчин шудааст, ки дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ аллакай то нимаи рӯз ҳама захираи доштаи худро фурӯхта тамом мекунанд ва ронандагон мегӯянд, ки баъзан барои пайдо кардани газ ба 4 ё 5 нуқтаи фурӯши он дар саросари пойтахт сар мезананду газ пайдо намекунанд. Нархи бензин низ ҳоло ба 12 сомонӣ наздик шудааст.

Шамъи хотира



ИФТИТОҲИ ОСОРХОНАИ ҲАБИБУЛЛО АБДУРАЗЗОҚОВ

Дар шаҳри Душанбе Осорхонаи Ҳабибулло Абдуразоқов, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон ва коргардони шинохтаи тоҷик ифтитоҳ шуд.

Осорхона аз ду толори бузург, хонаҳои дарунӣ ва кати чойнӯшиву чойи истироҳат иборат аст. Ин ҷо китобҳо, либосҳо, аксҳо, коллексияҳои либосҳои миллӣ, сӯзаниҳои қадимӣ ва ороишоти нуқрагиву заргарӣ, ки ҳунарманд онҳоро тӯли умраш гирдоварӣ кардааст ва дигар ёдгориҳо аз шодравон гирд оварда шудаанд. Осорхонаи мазкур бо ташаббуси фарзандони ҳунарманд дар хонаи нав ва бо тарҳи муосир таҳия шудааст ва зертобеи ягон ниҳоди давлатӣ нест.

Ҳабибулло Абдуразоқов 7-уми ноябри соли 1937 дар Кӯлоб ба дунё омада, 19-уми январи соли 2021 дар 83-солагӣ дар Душанбе аз олам даргузашт. Марҳум беш аз 50 сол дар театру синамои тоҷик хидмат намуд.

Талафот

ДАРГУЗАШТИ РАФОАТ АБДУСАЛОМОВА

Субҳи 24-уми октябр наҳустнаттоқи телевизиони тоҷик Рафоат Абдусаломова дар Душанбе аз олам даргузашт.



Рафоат Абдусаломова 10-уми марти соли 1939 дар ҷамоати деҳоти Пӯлодони шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Соли 1963 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленинро хатм кард. Маҳз ӯ рӯзи 3-юми октябри соли 1959 нахустин барномаи санҷишии Телевизиони Тоҷикистонро ба забони тоҷикӣ ба тамошобинон пешкаш намуда буд.

Аз соли 1959 (45 сол) дар Телевизиони Тоҷикистон ба ҳайси наттоқ, муҳаррир, мудири шуъба, сармуҳаррир ва котиби масъули иттиҳодияҳои эҷодӣ кор кард. Баъди бознишастагӣ ӯ ба таълифи китобҳо оид ба таърихи телевизион ва маҳорати суханварии наттоқи телевизион машғул буд. Шеър ҳам эҷод мекард ва чанд сол пеш китоби ашъораш низ нашр шуда буд.

Омодагӣ

БЕМОРХОНАҲО БА ЗИМИСТОН ОМОДААНД

Дар пойтахт 61 муассисаи табобатию пешгирӣ фаъолият доранд, ки манбаи таъминашон бо гармӣ дар фасли зимистон мушаххас шудааст.



Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе дар мавриди тадбирҳои сари вақт омода намудани муассисаҳои табобатӣ барои фаъолияти мунтазам барои зимистон гузориш додааст.

Ба иттилои мақомоти тандурустӣ, бар асоси қарори раиси шаҳри Душанбе дар мувофиқа бо Муассисаи шабакаҳои гармидиҳии пойтахт 52 муассисаи табобатию пешгирии сохтори раёсати тандурустӣ барои қабули неруи гармӣ дар мавсими гармидиҳии солҳои 2023-2024 ба нақша гирифта шудаанд.

Ҷашнвора

«ЧОДАРИ ХАЁЛ» ДАР ДУШАНБЕ



24-уми октябр дар Театри давлатии «Лӯхтак»-и шаҳри Душанбе Фестивали 7-уми байналмилалии театрҳои лӯхтак «Чодари хаёл» оғоз гардид.

Дар доираи ин фестивали байналмилалӣ ҳунарпешагони театрҳои касбии лӯхтаки Федератсияи Русия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Эрон намоишҳои худро манзури бинандагон мегардонанд.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистонро дар ин фестивал театрҳои лӯхтаки шаҳрҳои Душанбе, Бӯстон ва Бохтар намояндагӣ менамоянд. Дар ин фестивал Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе намоиши «Маликаи маккор», театри Бӯстон намоиши «Ҳинди тиллоӣ» ва театри Бохтар «Хари маккор»-ро ба намоиш мегузоранд.

Ёдовар мешавем, ки Фестивали 7-уми байналмилалии театрҳои лӯхтак «Чодари хаёл» то 28-уми октябр идома меёбад.

«ГӮШАИ КУРИЁ» ДАР ДБЗХТ БОЗ ШУД

САНАИ 21-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2023 БО ДАСТГИРИИ САФОРАТИ ҶУМҲУРИИ КУРИЁ ДАР ТОҶИКИСТОН МАРКАЗИ ТАЪЛИМӢ-ФАРҲАНГИИ “ГӮШАИ КУРИЁ” ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА КУШОДА ШУД.



Дар расми кушодашавӣ Жило Гулназарзода, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон, Квон Донгсок, сафири Ҷумҳурии Куриёи Ҷанубӣ дар Тоҷикистон, Ли Сунгу, котиби сафир, Пэ Санҳи, корманди сафоратхона, роҳбари ҷамъияти куриёиҳо ва омӯзгорони ин даргоҳ иштирок доштанд.

Дар оғози чорабинӣ суруди миллии Тоҷикистон ва суруди миллии Куриё садо дода, Жило Гулназарзода дар суханронии хеш дар бораи донишгоҳ ва шуъбаи забони куриёӣ маълумоти пурра дода, инчунин, иброз дошт, ки ихтисоси забони куриёии факултети забонҳои Осиёро 230 нафар донишҷӯён ва курси омӯзиши забони куриёиро 1800 нафар забономӯзон хатм намудаанд ва ба онҳо 6 нафар омӯзгорон дарс медиҳанд.

Пас аз ин Квон Донгсок, сафири Ҷумҳурии Куриёи Ҷанубӣ дар Тоҷикистон дар суханронии хеш қайд кард, ки Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аввалин муассисаест, ки омӯзиши забони куриёиро ба роҳ монда, махсусан Эмомалӣ Раҳмон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Куриё аҳамияти хоса зоҳир менамоянд.

Баъд аз баромади ҷонибҳо барномаи фарҳангӣ, ки аз рақси миллии тоҷикӣ, суруди тоҷикӣ, рақси миллии куриёӣ ва суруди куриёӣ иборат буд, пешниҳоди меҳмонон гардид.





ФЕСТИВАЛИ КИМЧӢ ВА ЧОРАБИНИИ «РӮЗИ КУРИЁ» ДАР ДБЗХТ БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА











21-уми октябри соли 2023 дар ошхона ва толори фарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Фестивали “Кимчӣ” ва чорабинии “Рӯзи Куриё” гузаронида шуд.

Дар ошхонаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фестивали “Кимчӣ” баргузор шуд, ки дар он бонувони куриёӣ хӯришҳои миллии худро барои донишҷӯён ва омӯзгорон намоиш доданд. Ҳамзамон дар ошхонаи донишгоҳ барои меҳмонон ва донишҷӯёну забономӯзон хӯроки нисфирӯзӣ ва хӯришҳои куриёӣ омода карда шуд.

Пас аз фарҷоми фестивали “Кимчӣ”, дар толори фарҳангии донишгоҳ чорабинии фарҳангии “Рӯзи Куриё” гузаронида шуд, ки зиёда аз 200 нафар забономӯзон ва ҳаводорони забону фарҳанги Куриё иштирок намуданд.

Дар чорабинии фарҳангии “Рӯзи Куриё” Котиби сафири Ҷумҳурии Куриёи Ҷанубӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ли Сунгу, корманди сафоратхонаи Куриё Пэ Санҳи ва муовини ректор оид ба робитаҳои хориҷӣ Каримов А., роҳбари ҷамъияти куриёиҳо дар Тоҷикистон ва дигар меҳмонон иштирок намуданд.

Дар оғози чорабинӣ Котиби сафири Ҷумҳурии Куриёи Ҷанубӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ли Сунгу оид ба равобити фарҳангии Тоҷикистон ва Куриё сухан ронда, иброз дошт, ки дар оянда фарҳанги Тоҷикистон ва Куриёро дуруст дарк карда, қобилияти муайян кардану аз худ кардани ҷиҳати хуби фарҳангҳоро дошта бошед.

Муовини ректор Каримов А. ҳузури меҳмононро ба донишгоҳ шодбош гуфта, иброз дошт, ки баргузории ин гуна чорабиниҳо барои забономӯзии донишомӯзон заминаи мусоид фароҳам оварда, дар таҳкими равобити дуҷониба саҳм мегузорад.

Дар ин чорабинии фарҳангӣ намоиши рақси Пуче, рақси К-ПОП, қироати шеъри куриёӣ, суруди куриёӣ ва намоиши тӯйи суннатии Куриё, ҳамчунин, рақси миллии тоҷикӣ бо чакан, намоиши барномасозӣ, бозии лоторея пешкаши меҳмонон ва иштирокчиён карда шуд.

Маҳинаи ДАВЛАТ

Шаҳноза Ҳамдамова:

МАҲСУЛОТИ ХУШСИФАТРО БО НАРХҲОИ ДАСТРАС ХАРИДОРӢ НАМОЕД!

Дар доираи Лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” рӯзҳои 2, 3 ва 4-уми ноябр дар Кохи Борбад намоиш-фурӯши маҳсулоти ватанӣ бо нархҳои яклухт ва нисбат ба бозорҳо арзонтар баргузор хоҳад гашт. Ин лоиҳаи муваффақ ба як чорабинии муҳим дар ҳаёти иқтисодии мамлакат табдил ёфтааст. Ҳадаф аз баргузории ин лоиҳа дар чист? Имсол кадом ширкатҳо дар лоиҳа ширкат меварзанд? Харидоронро дар намоишгоҳи ярмаркаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023 “ чӣ “сюрпириз” интизор аст? Барои ба ин саволҳо ҷавоб гирифтан, мо бо директори ширкати “Тайрон” Шаҳнозабону Ҳамдамова ҳамсуҳбат гаштем.



-Шаҳноза Шарифовна, муддати 10 сол мешавад, ки шумо ҳамасола лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон”-ро бо як шукӯҳу шаҳомати хоса баргузор менамоед. Дар замони муосир, ки ҷомеа ҳамеша дар ҳоли рушд ва такопӯй қарор дорад, 10 сол умр дидани як лоиҳа муваффақияти хеле бузург аст. Ба шумо чӣ гуна муяссар гашт, ки шӯҳрати лоиҳаро то ба имрӯз нигаҳ доред?

-Ташаккур! Қабл аз ҳама ман 10-солагии лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон”-ро ба шарикон, иштирокчиён, истеъмолкунандагон ва ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон муборакбод мегӯям! Соли 10-ум аст, ки мо бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон ин лоиҳаро баргузор менамоем. Дар ин муддат тавонистем зиёда аз 500 ширкати ватаниро ба мардум муаррифӣ намуда, молу маҳсулоти истеҳсоли худиро тарғиб намоем ва соҳибкорони тоҷикро дастгирӣ карда, бо ҳамин восита саҳми худро дар пешрафти иқтисодиёти кишварамон гузорем. Аксари ширкатҳое, ки қадамҳои нахустини худро бо лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон” гузошта буданд, имрӯз ба ширкатҳои хеле бузург ва маъруф, ба ниҳои гуногуни хешро ба муштариён пешкаш месозанд. Дар байни иштирокчиёни лоиҳа тамғаҳои бисёр машҳур ва маҳбуб аз қабили “Сиёма”, “Артел”, “CoCa-Cola, “Покиза”, “Файзи Расул”, “Доро” “Шири Душанбе”, “Молочная радость”, “Қолин-Сервис”, “Беҳамто”, “Баракат”, “София”, “Слабода”, ”АЗС Гапзпромнефть”, “GMP”, “АК-ФА”, Рамис”, “Химус”, “Тавҳидбонк “Душанбе-Сити+банк” ва дигар ширкату корхонаҳои маъруфи Тоҷикистон ҳастанд, ки молу маҳсулоти худро дар ярмарка бо нархҳои яклухт (оптовая цена) ба харидорон пешкаш менамояд.















-Аз ярмарка кадом навъҳои маҳсулотро дастрас кардан мумкин аст?

-Аз ярмаркаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” харидорон орд, равған, биринҷ, макарон, маҳсулоти гӯштӣ, аз ҷумла, гӯшти мурғ, навъҳои гуногуни ҳасиб ва ҳасибчаҳои хушмазза, маҳсулоти ширӣ аз қабили шир, чурғот, сметана, қаймоқ, қанду шоколад, пистаю бодом, мағзу мавиз, донагӣ, торту ширинихои лазиз, соку шарбатҳои табиӣ, обҳои газнок, собуну шампунҳои хушбӯй, маводҳои шустушӯйӣ ва ҳатто доруворӣ харидорӣ карда метавонанд?

-Соли гузашта техникаи маишӣ низ доштед. Имсол чӣ?

- Албатта дорем! Имсол дар намоишгоҳ ширкатҳои маъруфи истеҳсолӣ аз ҷумла “Artel” ва “Karcher” иштирок карда, телевизор, яхдон, мошинаи ҷомашӯй, чангкашак, кондинсионер, гармкунакҳои баркӣ, гӯштқимакунаку тафдон ва дигар намудҳои техникаи маиширо бо нархҳои дастрас ба муштариён пешкаш мекунанд. Ниёзмандон дар бадали ин 3 рӯз метавонанд ҳатто барои хизматрасониҳои бонкӣ ба намояндагони “Тавҳидбонк” ва “Душанбе- сити”, ки иштирокчиёни лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” мебошанд, мурочиат намоянд.

-Ба шахсоне, ки ба ярмарка меоянд, чӣ гуфтаниед?

-Ман пеш аз ҳама ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, ба сарпарасти кулли лоиҳа-Ширкати Артел, ба сарпарастони расмӣ-Тавҳидбонк ва ширкати Акфа, ба шарикони лоиҳа-Шабакаи НФС-и Газпромнефть ва мағозаи Таймс, ба шарикони иттилоотӣ- Телевизиони Сафина, Радиои Ватан, Ҳамсадо, Авторадио, Имрӯз ба сомонаҳои oila.tj ва pressa.tj ва тамоми иштирокчиёни лоиҳа сидқан изҳори сипос менамоям. Ва бори дигар ба дикқати сокинон ва меҳмонони пойтахт мерасонам, ки рӯзҳои 2, 3 ва 4-ноябр дар доираи лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар Кохи Борбад намоиш-фурӯши маҳсулоти хушсифати ватанӣ баргузор мегарданд. Биёед ва молу маҳсулоти ниёзи худро аз ин намоишгоҳ бо нархҳои яклухт ва нисбат ба бозор арзон харидорӣ намоед.

Ф. САТТОРӢ

-Ҳадаф аз роҳандозӣ намудани ин лоиҳа дар чист?

-Ҳадафи мо пеш аз ҳама дастгирии сиёсати иқтисодии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тарғиби молу маҳсулоти истеҳсоли Тоҷикистон мебошад. Соҳибкорони ватаниро дастгирӣ намуда, мо дар бозори истеҳсолии мамлакат рақобати солимро ба вуҷуд меорем, зеро рақобат ҳамеша барои пешрафт такон медиҳад.

-Дар лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон -2023” кадом ширкатҳо имсол иштирок доранд?

-Имсол зиёда аз 30 корхона ва ширкатҳои машҳури кишварамон дар лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон” ширкат варзида, маҳсулот ва хизматрасо-



РОССИЯ КВОТАРО ЗИЁД КАРД

вале муҳоҷиршикор идома дорад...

Россия шумораи квотаҳоро барои ҷалби қувваи корӣ аз хориҷи кишвар ба маротиб бештар кард. Тибқи ҳуҷҷатҳои қабулшуда дар соли 2024 беш аз 150 000 нафар шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд тибқи квота ба Федератсияи Россия омада, бо фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд.

Шумораи квотаҳо барои ҷалби қувваи корӣ аз кишварҳои хориҷи дуру наздик ба Федератсияи Россия дар соли 2024 назар ба соли 2023 тахминан 25% зиёдтар карда шудааст. Бояд гуфт, ки талабот ба неруи кории хориҷӣ дар ин кишвар сол то сол меафзояд. Мувофиқи омори расмӣ соли 2021 Федератсияи Россия барои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамагӣ 101 871, соли 2022 ҳудуди 124 007 ва соли 2023 бошад, 123 943 квота ҷудо карда буд, вале норасоии шадиди қувваи корӣ Россияро маҷбур намуд, ки шумораи квотаҳоро барои соли оянда боз ҳам зиёдтар кунад.

Ҳамин тавр, дар соли 2024 ҳудуди 155 929 нафар шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд дар Федератсияи Россия дар асоси квота ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд.

Россия шумораи квотаҳоро барои ҷабли қувваи корӣ аз хориҷи кишвар дар ҳоле зиёд мекунад, ки руҳияи миллатпарастӣ ва муҳоҷирбадбинӣ дар дохили ин кишвар ба авҷи аъло расидааст. Солҳои пеш, агар танҳо тоссарҳо нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ нафрат доштанашонро бо латукӯби муҳоҷирон нишон медоданд, солҳои охир ҳатто депутатҳо ва кормандони мақомоти давлатию қудратии Россия низ пӯстинашонро чаппа пӯшида, бо баҳонаҳои гуногун аз пайи озори муҳоҷирон ҳастанд.

Русҳо иддао доранд, ки садҳо ҳазор бегонагон аз кишварҳои хориҷӣ, махсусан Осиёи Марказӣ ба Россия омада, ҷойҳои кориро банд мекунанд ва бо авбошию бетартибиҳои худ оромиши мардуми маҳаллиро барҳам зада, дарза-дарза пулро муфтакак мебаранд, вале таҷриба нишон медиҳад, ки ҳамаи ин валвалаю дағдағаҳо дар асл бепоя буда, иқтисодиёти Россияи бузург бидуни муҳоҷирони меҳнатӣ пеш рафта наметавонад.

“Бо зиёд шудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ албатта фишор ба инфросохторҳо бештар гашта, ҷиноятҷиноятқорӣ боз ҳам зиёдтар мешавад. Кумитаи тафтишотӣ танҳо дар нимсолаи аввали соли 2023 нисбати шаҳрвандони хориҷӣ беш аз 550 парвандаи ҷиноятӣ кушодааст. Бештар муҳоҷироне, ки аз кишварҳои Осиёи Миёна мебошанд, дар қаламрави Россия даст ба ҷиноят мезананд. Аксари мушкилоти муҳоҷиратӣ низ аз ҳамин табақа сар мезанад. Аммо муҳоҷир аз муҳоҷир фарқ дорад ва ҷалби қувваи корӣ тариқи квота имкон медиҳад, ки пеши роҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ гирифта шавад”,- ин масъаларо шарҳ дода, навиштааст “Парламентская газета”.

Ярослав Нилов, раиси Кумитаи меҳнат, сиёсати иҷтимоӣ ва кор бо ветеранҳои Думаи Давлатии Россия ба масъалаи ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ тариқи квота равшанӣ андохта, гуфтааст: “Квотаҳо дар асоси дархостҳое, ки аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо расидаанд, ҷудо карда мешаванд. Муҳоҷирони меҳнатие, ки дар асоси квота меоянд, на ба марказ, балки ба ҳамон минтақаҳое фиристода мешаванд, ки ба ин кадрҳо ниёз доранд. Айни замон дар Россия аксари муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври ғайриқонунӣ кор мекунанд ва патент намесупоранд. Ҷорӣ кардани квота имкон медиҳад, ки пеши роҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ гирифта шуда, норасоии қувваи корӣ дар маҳалҳо аз ҳисоби кормандони хориҷӣ пурра карда шавад...”.

Владимир Зорин, раиси Комиссияи палатаи ҷамъиятии Россия оид ба масъалаи муносибати байни миллатҳо, динҳо ва муҳоҷират низ аз ҷалби қувваи корӣ тариқи квота ҷонибдорӣ намуда, гуфтааст: “Ҷорӣ кардани квота хуб аст, зеро танҳо он кадрҳое меоянд, ки мо ба онҳо ниёз дорем!”.

Ҳамин тавр, дар соли 2024 Россия барои кор дар истеҳсолот 40 525 квота, барои харротон ва дигар кадрҳои техникӣ 22 188 квота, савдо 1524, хизматрасонӣ 4747, дар бахши муҳандисӣ ва илм 3490 квота ҷудо кардааст. Боқии квотаҳо барои кор дар бахши сохтмон ва дигар соҳаҳо пешбинӣ шудаанд.

Ярослав Нилов, раиси Кумитаи меҳнат, сиёсати иҷтимоӣ ва кор бо ветеранҳои Думаи Давлатии Россия бо нигаронӣ дар боби норасоии неруи корӣ сухан ронда, мегӯяд: “Дар бозори меҳнат аслан мувозинат вуҷуд надорад ва имрӯз мо беш аз пеш ба қувваи кории хориҷӣ ниёз дорем. Норасоии кормандон ҳатто дар соҳаҳои оддитарин, аз қабили хизматрасонии коммуналию хоҷагии қишлоқ эҳсос карда мешавад. Россия ба муттахассисони баландихтисосе, ки аз дигар кишварҳо меоянд, ниёзманд мебошад. Иқтисодиёти мамлакат бидуни харротон ва дигар кадрҳое, ки дар корхонаҳои истеҳсолӣ техникаро идора мекунанд, пеш намеравад. Дар бораи сохтмон бошад, ҳоҷати гап ҳам нест. Мутахассисони бахши сохтмон ошкоро гуфта истодаанд, ки кадрҳои маҳаллӣ ба оддитарин талаботҳои соҳаи сохтмон ҷавобгӯй нестанд. Ин масъалае мебошад, ки барои ҳалли он тадбирҳои иловагӣ андешидан зарур аст, вале айни замон мо ба нерӯи кории хориҷӣ сахт ниёз дорем”.

Ёдрас мешавем, ки президенти Федератсияи Россия Владимир Путин низ аз норасоии кадрҳо изҳори нигаронӣ намуда, гуфта буд, ки иқтисодиёти кишвар бо норасоии шадиди неруи корӣ рӯ ба рӯ гашта, барои ҳалли ин масъала чораҳои фаврӣ андешидан лозим аст.

Ф. САТТОРӢ



Бузургмеҳри Баҳодур

ОРИЁНОИ БУЗУРГ

Ин хок саропардаи шоҳони бузург аст,
Парвардаи Шаҳномаву гурдони бузург аст.
Фирдавсии шоир тани танҳо ба гаҳи разм
Саркардаву сарлашкари Эрони бузург аст.
Чун тоҷи сари мард бувад бонуи Эрон
Ин маншаи таърихии мардони бузург аст.
Гаҳвораам алвонҷ хурад бо пари Симурғ,
Гаҳвораам овардаи тифлони бузург аст.
Ҳамсояи Хуршед шудем, аз азал ин кӯҳ
Дар силсилаи сабр саробони бузург аст.
Дар ҳар қадаме хуни шаҳидон шуда лола
Чун лола шудан дар Ватан имкони бузург аст.
Фарҳанги ман аз порсии пок шиносанд,
Пайғоми дилам шеъри ниёкони бузург аст.
Конуни сухан гашта маро турбати Хайём,
Аз миллати Ҳофиз будан унвони бузург аст.
Девону вазорат ҳама аз пой фитоданд,
Давлат ҳама бинҳуфтаи Девони бузург аст.*
Садпорагиям нақшаи дерини адӯ буд,
Ин марзкашиҳо ғами дастони бузург аст.
Айвони мадоин чӣ касе сохта то ҳол?
Эй он кӣ туро шаҳр биёбони бузург аст.
Дарё нашавад ҳар кӣ дар андешаи ҷӯй аст,
Андеша бузург аст, ки инсони бузург аст.
Аз Балху Ҳиротам, бадар оям зи Нишопур,
Аз Суғд раҳам то ба Сиистони бузург аст.
Аз Тӯс ва ё Марв расам то ба Бухоро,
То Ҳинд маро равзаи ризвони бузург аст.
Гарчи зи Бухоро ба Бадахшон ҳама санг аст,
Дар синаи мо нақби Зарафшони бузург аст.
Эй дида фақат хатти кажу сурхи харита,
Ҳар як раги мо хатти Хуросони бузург аст.
Ҳамхунии мо мешавад аз порсӣ исбот,
Ҳар вожаи мо хуҷҷати паймони бузург аст.
Пайванди маро ҳеч касе нашканад осон,
Ҳар риштаи он баста ба имони бузург аст.
Дар қуллаи Помир нишастам ба ниёиш:
Озодагиям ҳадяи Яздони бузург аст.

ФАРҲАНГИ КӮҲИСТОНИЁН

Бомдод аввал ба истиқболи Хуршед омада,
Фитрату фарҳанг меёбанд кӯҳистониён.
Баъди фатҳи қуллаи нав дар ҳарими осмон,
Нашъати авранг меёбанд кӯҳистониён.
Аз навои чашмаҳою аз суруди бодҳо,
Ҳар замон оҳанг меёбанд кӯҳистониён.
Дар сухан, дар кор аз рангу риё бегонаанд,
Ҳол дида ранг меёбанд кӯҳистониён.
Ганҷи беранҷе надорад кулбаи сангинашон,
Ризқи худ аз санг меёбанд кӯҳистониён.
Баски осон нест рафтан аз раҳи кӯҳу камар,
Роҳи ному нанг меёбанд кӯҳистониён.
Вусъати андешаҳою рӯҳҳои бешикаст,
Аз муҳити танг меёбанд кӯҳистониён.

ДАР МЕҲАНИ МАН ШАМЪ БА ШАМСЕСТ БАРОБАР

Ин зиндагӣ афсонаву афсуни шумо нест,
Дар пояи бемояи қонуни шумо нест.
Таърих шуда динаву фардо нарасидаст,
Афсӯс, ки сармояи «акнун»-и шумо нест.
Эй он ки пайи ҳаста ва ё теғу камонед,
Ин хуни раъият майи гулгуни шумо нест!
Чун бахти азизи дигареро бирабоед,
Пайдост, ки он бахти ҳумоюни шумо нест.
Фарзанд агар Меҳани худро бифурӯшад,
Бешубҳа дигар аз камару хуни шумо нест.
Аз ишқ фақат лоф занад, ком бичӯяд,
Бигзор равад, ошиқу Маҷнуни шумо нест.
Иксири вафо ҳаст ба як вожаи «Меҳан»,
Пайдост, ки дар номаи маҳзуни шумо нест.
Дар Меҳани ман шамъ ба шамсест баробар,
Хуршед беҳ аз оташи конуни шумо нест.
Сад қолабу сад ранг занӣ, шеър нагардад,
Сарчашма агар аз раги мазмуни шумо нест.

Масъуди Мирзо:

ТОҶИКОНИ ЎЗБЕКИСТОН ДИГАР НАМЕҲАРОСАНД!

МАСЪУДИ МИРЗО РЎЗНОМАНИГОР, ШОИР ВА МУҲАҚҚИҚИ АДАБИЁТ АСТ. ЎРО ПАЙВАНДГАРИ ФАРҲАНГУ АДАБИ ДУ ҶУМҲУРИИ БА ҲАМ ДЎСТ - ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН МЕДОНАНД. ДАР БАРОБАРИ ҶАМЪИЯТИ ТОҶИКОНИ ФАРҒОНАРО РОҲБАРӢ КАРДАН, ДАР ГУРЎҲҲОИ ТОҶИКИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ФАРҒОНА ДАРС МЕГЎЯД. ДАР ҲОШИЯИ САФАР БА ШАҲРИ ФАРҒОНАИ ЎЗБЕКИСТОН БО ЭШОН ДИДОРУ СУҲБАТ НАМУДЕМ.



Масъуди Мирзо зимни суҳбат бо Усмон Раҳимзода

- Шуморо дар Тоҷикистон бештар ҳамчун журналист ва шоир мешиносанд. Замоне дар телевизиони тоҷик низ фаъолият кардед. Аммо чӣ водор кард, ки аз Душанбе ба Фарғона баргаштед?

- Аслан, ман дар ноҳияи Сӯхи Фарғона таваллуд шудаам. Дар шаҳри Душанбе Институти педагогии Тоҷикистон ба номи Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон)-ро дар солҳои 80-ум хатм кардам. Оғози фаъолиятам телевизион буд. Аммо падарам розӣ нашуданд, ки дар телевизион корро идома диҳам. Сипас, муддате дар ноҳияи Кубодиён омӯзгорӣ кардам. Боз бо ризоияти падар ба зодгоҳ баргашта, дар радио ва телевизиони Фарғона кор кардам. Қариб 30 сол муҳаррири барномаҳои радио ва телевизион будам. Чандин сол дар вилояти Фарғона сармуҳаррири рӯзномаи “Садои Сӯх” будам. Телевизион ташкил кардем бо номи “Ситора”, ки имрӯз ҳам фаъол аст. Ҳамрӯза тариқи ин телевизион то 4 соат барнома пахш мешавад.

Ростӣ, пас як беморӣ дигар падарам нагузоштанд, ки ба Душанбе баргардам. Шукр, ҳоло бардам ҳастаму пайи таълими шогирдон дар Донишгоҳи давлатии Фарғона ва эҷод ҳастам.

- Ҳоло роҳбарии Маркази фарҳангии тоҷикони Фарғонаро низ ба зимма доред. Тоҷикони Фарғона чӣ ҳол доранд?

- Расман тоҷикони Фарғона қариб 300 ҳазор нафаранд. Оилаҳое ҳастанд, ки зан ё шавҳарашон тоҷиканд. Яъне, оилаҳои дузабона ҳастанд. Асосан тоҷикон дар ноҳияҳои Сӯх, Фарғона, Риштон, Ёзёвон кору зиндагӣ мекунанд. Дар тамоми ҷабҳаҳо онҳо фаъол мебошанд. Масалан, муовини ҳокими вилояти Фарғона Ҷамшед Мухторович тоҷик аст. Дар байни тоҷикон шифокорону соҳибкорони номдор низ зиёд дорем. Махсусан дар шаҳри Фарғона ва атрофи он чандин иншоот аз тарафи соҳибкорони тоҷик бунёд ёфтанд. Як қисми иншооти таъиноти гуногун, аз ҷумла меҳмонхонаву марказҳои хизматрасонӣ бо ҳузури Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев мавриди истифода қарор гирифтанд.

- Оё дар шаҳри Фарғона мактабҳои тоҷикӣ вуҷуд доранд?

- Қаблан мактабҳои тоҷикӣ вуҷуд доштанд. Ҳоло не. Асосан дар шаҳрҳои Фарғонаву Ёвасой ва Ёзёвон буданд. Мутаассифона, сафи мактабҳо кам шуд. Аммо дар ноҳияи Сӯх ҳаст. Беш аз 20 мактаб бо забони тоҷикӣ вуҷуд дорад. Дар инҷо рӯзномаву телевизион ва радио ҳам бо забони тоҷикӣ фаъоланд.

Дар Донишгоҳи давлатии Фарғона бошад, соли 7-ум инҷониб гурӯҳи тоҷикӣ таъсис ёфтааст. Яке аз сабабҳои рӯ оварданам ба донишгоҳ низ ҳамин буд. Яъне, пур кардани холигӣ ва рафъи камбудии кадр. Аллакай чандин шогирдонро пас аз хатми магистратура ҳамчун омӯзгор омода кардем, ки дар канори ҳам кор мекунем.

- Дар Донишгоҳи давлатии Фарғона тоҷикон аз рӯи кадом ихтисосҳо таҳсил мекунанд?

- Қариб 100 нафар дар гурӯҳҳои тоҷикӣ таҳсил мекунанд. Онҳо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷикро азхуд мекунанд. Умуман, Донишгоҳи давлатии Фарғона яке аз муассисаҳои олии калонтарин маҳсуб меёбад, ки дар он қариб 30 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекунанд. Ба наздикӣ сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абуҷаббор Раҳмонзода омада буд. Ростӣ, то ин замон чунин сафири фаъолро надида будам. Ном ба ном ҳамаро медонанд. Бештари чорабиниҳои фарҳангӣ бо ҳузури сафир мегузаранд. Ҳатто, ректори донишгоҳ тоҷик аст. Вақте ки бо ректор вомехӯрем, албатта бо тоҷикӣ гап мезанем.

- Ҷамъияти тоҷикони Ӯзбекистон чӣ мавқеъ дорад? Бо онҳо иртибот доред?

- Албатта, мо ҳамкорӣ мекунем. Чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ-адабӣ мегузаронем. Дар тӯю маъраҳои якдигар ҳузур дорем.

Ҷойи харос нест. Як чизро бояд таъкид намоям, ки 6-7 сол пеш чунин набуд. Баъд аз сари курсии президентӣ нишастани Шавкат Мирзиёев, тоҷикони муқими Ӯзбекистон намеҳаросидагӣ шуданд. Баръакс, аз миллати хеш ифтихор мекунанд. Воқеан, баробарҳуқуқӣ ва таҳаммулпазирӣ дар ҳаёти рӯзмарраи мардум ҷорӣ шуд. Ҳоло дар кӯчое бошед, бо забони тоҷикӣ озод суҳбат мекунед.

- Вақте ки дар Душанбе будед, мегӯянд, ки бо устод Лоиқ зиёд ҳамнишинӣ доштед. Шиносоиатон чӣ гуна сурат гирифт?

- Тақрибан шиносоии мо аз соли 1987, ҳангоми як чорабинии адабӣ дар шаҳри Ҳисор сурат гирифт. Дар Ҳисор пас аз баромад, ба ман як табақи калону чиниворӣ тақдим шуд. Ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ ба устод гуфтам, ки ин табақро чӣ кор кунем? Гуфтанд, ки бо ҳамин табақ ҳаминҷо ош мехӯред. Бо ҳамин табақ дар ошхона ош фармудем.

Сабаби аслии шиносоии банда ҳам бо устод Лоиқ ва дигар шахсиятҳои фарзона шеър буд, ки моро ҳамнишин кард. Дар бештари маҳфилҳои адабии устод Лоиқ иштирок мекардам. Устод бароям роҳнамо буданд, шеърҳоямро хонда, тавсияҳо медоданд.

- Лаҳзаи ҷолибе дар хотир доред?

- Дар Иттиҳоди нависандагон маҳфиле буд. Сари чанд муддат дар он як нафар ба шоирони ҷавон дарс мегуфт. Як рӯз устод Лоиқ ба маҳфил даромаданд. Вақте ки ҳама нишаста будем, маънои калимаи “мӯя”-ро пурсиданд. Ягон нафар даъвогарони шоирӣ ҷавоб дода натавонистем. Баъд, худашон гуфтанд, ки маъноияш “нола” аст. Таъкид намуданд, ки то шоир бо луғат кор накунад, маънои аслии истифодаи калимаро дар шеър надонад, ҳеҷ аст. Сипас таърихи эҷоди як ғазалашонро дар ҳамин маҳфил гуфтанд:

Дастаи дар мекашад аз
остинам ҳар саҳар,
Эй ки берун меравӣ, ин
остонро гум макун.

Гуфтанд, ки шоир бояд аввал дарки шеър дошта бошад. Вақте ки саҳар аз хона мебаромадам, остини ҷома дар дастаки дар дармонд. Дар остинро мекашид. Гуфтанд, ки ҳамин ғазал ҳангоми дармондани остин эҷод гардидааст. Воқеан, аз як ҳодисаи одӣ як маънии бузурги фалсафӣ мебарояд.

- Ҳоло бо кадом ҳавзаи адабӣ ҳамкорӣ доред?

- Ба Душанбе ва Хуҷанд ҳар вақт рафта меоям. Вале, чун дар ҷодаи адабиёт таҳқиқот мебарам, бо Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, роҳбари илмиам Матлубаи Мирзоюнус, устод Фарзона, Озарахш, Бобоҷон Икромов, Неъматулло Мирсаидов ва дигарон робитаи хуби ҳамкорӣ менамоем.

Мусоҳиб:
Усмон РАҲИМЗОДА

Аз ашъори Масъуди Мирзо

Ёро, биё зи ҳамдигар як ёд мекунем,
Дилро дубора аз қафас озод мекунем.
Ишқи ғариби дар ба дар ворорро зи нав,
То зодгоҳи улвиаш иршод мекунем.
Меҳру вафову бовари мотамгирифтаро,
Бо хутбаи хатми азо дилшод мекунем.
Бар қасди ин ҳақоиқи ноҳаққи зиндагӣ,
Ёро, биё фасонаҳо эҷод мекунем.
Аз фасли мо хароб шуд дунёи мо, биё
Бо васли худ харобаро обод мекунем.
Ҳоло биё, ки мо ба ҳам ҳоло ғаниматем,
Шояд, саҳар… ба ёди ҳам фарёд мекунем…

***

Дилро ба дилҳо ҷо кунед, ин қатраро дарё кунед,
МАНро ба сӯи МО баред, ин заррароро дунё кунед.
Дил зинда бо меҳри Худост, ҳастии Дил ҳасти шумост,
Меҳру муҳаббатро дигар аз лаб ба дилҳо ҷо кунед.
Бовар ба дилҳо оваред в-аз санг лаъле офаред,
Имрӯзи беояндаро обастани фардо кунед.
Эй оқилон, ошиқ шавед, ошиқ шавед, ошиқ шавед,
Зишт аст бе ишқ зистан, ин зиштро зебо кунед.
Аз ганҷи Қорун суд нест, Искандаре масъуд нест,
Ояндагони хешро Мавло кунед, Сино кунед.
Ёд оваред аз асли худ, бобо шавед бар насли худ,
Худро на аз бегонагон, аз хештан пайдо кунед!

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲО

ШИКАСТИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР ТЕҲРОН АЗ «ПЕРСЕПОЛИС»

24-уми октябр дар шаҳри Теҳрон (Эрон) бозии даври сеюми марҳилаи гурӯҳии Лигаи чемпионҳои Осиё-2023/24 дар гурӯҳи «E» байни дастаҳои «Персеполис»-и Эрон ва «Истиқлол»-и Тоҷикистон баргузор шуд.



Дар аввали вохӯрӣ шогирдони Игор Черевченко имкон доштанд, ки ҳисобро боз кунанд, аммо легионери даста Сенин Себай зарбаи пеналтиро натавонист хуб ба ҳадаф расонад. Дар натиҷа дастаи эронӣ бо задани ду гол, яке дар қисми аввал ва дигаре дар қисми дуюм аз ҷониби Саид Содиқӣ, пирӯзии худро таъмин кард. Дар бозии дигари ин гурӯҳ «Ал-Наср» бо натиҷаи 4:3 «Ал-Дуҳайл»-ро мағлуб кард.

Дар даври якум «Истиқлол» ба муқобили «Ал-Дуҳайл» бозиро мусовӣ (0:0) анҷом дода, дар даври дуюм аз «Ал-Наср» бо ҳисоби 3:0 шикаст хӯрд. «Истиқлол» бозии навбатиашро рӯзи 7-уми ноябр дар Душанбе бо «Персеполис» баргузор хоҳад кард.

Ҳоло дар ин гурӯҳ дастаи «Ал-Наср» бо 9 имтиёз пешсаф аст. «Персеполис» 6 имтиёз дорад, «Ал-Дуҳайл» ва «Истиқлол» бо якимтиёзӣ дар зинаиҳои охир қарор доранд.

UFC

ДУ РАЗМИКОРИ ТОҶИК: ЯКЕ ШИКАСТ ХӮРДУ ДИГАРЕ ҒОЛИБ ОМАД

Ду размикори тоҷик дар як мусобиқаи MMA UFC-294 дар шаҳри Абу-Забӣ ширкат карданд, ки яке ба нокомӣ дучор шуду дигаре бо қарори доварон пирӯз эълон шуд.



Размикори тоҷик Муин Ғафуров дар рақобати асосӣ аз намояндаи Русия Саид Нурмагомедов шикаст хӯрд. Рақобат дар сонияҳои аввали раунди аввал ба охир расид. Нурмагомедов бо усули бӯғӣ кардан Ғафуровро шикаст дод. Барои Муин Ғафуров ин шашумин бохт дар 25 қуввазмоӣ аст.

Размикори дигари тоҷик Муҳаммад Наимов бо намояндаи Британиё Натаниэл Вуд муборизаи бурд ва бо қарори доварон пирӯз дониста шуд. Ин даҳумин ғалабаи Муҳаммад Наимов дар қуввазмоиҳои касбӣ буда, Натаниэл Вуд ба бохти шашум дучор шуд. Муҳаммад дар MMA бори нахуст моҳи июни ҳамин сол рақобат карда буд. Он замон ӯ намояндаи Австралия Ҷейми Малларкиро бо нокаут мағлуб карда буд.

Вебгоҳи sports.tj менависад, ки Саид Нурмагомедов мувофиқи қарордод бо промоушен барои қувваозмоӣ 75 ҳазор доллар ва аз ҳисоби маблағҳои сарпарастон боз 25 ҳазор доллар пул кор кард. Ғафуров 24 ҳазор доллар ва 5 ҳазор доллар аз ҳисоби сарпарастон ба даст оварад.

Тибқи фарзияи Sports Payouts, Муҳаммад Наимов 49 ҳазор доллар кор карда, аз чӣ қадар маблағ пардохт шудан аз ҳисоби сарпарастон хабар дода намешавад.

ҶУДО

НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР РӮЗИ АВВАЛИ ABU DHABI GRAND SLAM-2023

24-уми октябр дар шаҳри Абу-Забии Аморати Муттаҳидаи Араб мусобиқаи «Abu Dhabi Grand Slam-2023» оғоз шуд. Дар рӯзи якум рақобатҳо зери вазнҳои то 60 ва 66 кг миёни мардон ва зери вазнҳои 48, 52, 57 кг миёни бонувон баргузор шуданд.

Тоҷикистонро дар рӯзи аввали мусобиқа Меҳрзод Суфиев бо Муҳаммадсолеҳ Қувватов дар вазни то 60 кг ва Обид Ҷебов дар вазни то 66 кг муаррифӣ карданд. 2 ҷудокори мо дар даври аввал мағлуб шуданд, нафари сеюм дар даври 2-юм ном шуда, мусобиқаро бидуни натиҷа тарк кард.

Меҳрзод Суфиев дар вазни то 60 кг дар даври аввал бо як имтиёзи вазарӣ дар вақти тиллоӣ аз Торнайк Тсякадоеа аз Нидерланд мағлуб шуд.

Обид Ҷебов дар вазни то 66 кг дар даври аввал дар вақти тиллоӣ бо як имтиёзи вазарӣ аз Баянмунх Нармандахи мизбон ном шуд.

Муҳаммадсолеҳ Қувватов дар вазни то 60 кг дар даври аввали мусобиқа муқобили Раул Ҳебрард аз Фаронса тариқи усули бӯғӣ кардан пирӯз шуд ва ба даври дуюм баромад. Дар даври дуюм аз Нурканат Серикбайеви қазоқистонӣ бо имтиёзи вазарӣ шикаст хӯрд.

Дар рӯзи дуюми мусобиқа Тоҷикистонро Беҳрӯз Хоҷазода зери вазни то 73 кг ва Сомон Маҳмадбеков зери вазни то 81 кг муаррифӣ мекунанд. Беҳрӯз дар даври аввал озод буда, дар даври дуюм бо ғолиби чуфти Ҳассан Доукали аз Марокаш ва Карим Абдуллоев аз AMA куштӣ мегирад. Сомон Маҳмадбеков ҳам, дар даври аввал озод буда, дар даври дуюм бо ғолиби чуфти Николас Йонезука аз ИМА ва Ҳасиб Мустафо аз Покистон нерусанчӣ мекунад.

БОКС

CHAMPIONS NIGHT ДАР ДУШАНБЕ БО ҲУЗУРИ ПРЕЗИДЕНТИ IBA

27-уми октябр дар шаҳри Душанбе «IBA Champions Night» баргузор мешавад, ки дар он муштзани маъруфи тоҷик Баҳодур Усмонов барои камарбанди WBO Oriental набард хоҳад кард.

Гуфта мешавад, ки Шавкат Раҳимов ва Умар Кремлёв меҳмони фахрии «Шоми бокс» дар Душанбе хоҳанд буд. Собиқ қаҳрамони ҷаҳонии IBF, тоҷикистонӣ Шавкат Раҳимов ва президенти Ассотсиатсияи байналмилалии бокс (IBA) Умар Кремлёв меҳмонони фахрии мусобиқаи «IBA Champions Night» хоҳанд шуд.

Шоми бокс бо дастгирии Ассотсиатсияи байналмилалии бокс баргузор мешавад. Дар ин мусобиқа муштзанҳои мо ва инчунин муштзанҳои дигар кишварҳо ширкат мекунанд.

Дар қувваозмоии асосии шом муштзани Тоҷикистон, чемпиони Осиё дар соли 2019 ва барандаи медали биринҷии Чемпионати ҷаҳон-2023 Баҳодур Усмонов (6-0) бо муштзани тайландӣ Манат Сопатип (10-1) барои камарбанди WBO Oriental дар вазни сабук рақобат мекунанд. Ин набарди асосии ин шом буда, 10 раунд идома хоҳад кард.



РЕЗААХБОР

Дар бозии ниҳоии Ҷоми футболи Тоҷикистон-2023, ки 1-уми ноябр дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Кӯлоб баргузор мешавад, дастаҳои «Равшан» ва «Истиқлол» бозӣ мекунанд. Дар бозии ҷавобии ниманиҳоӣ «Истиқлол» бо «Регар-ТадАЗ» 1:1 бозӣ кард, бозии аввал 1:0 шуда буд. Дар бозии дигари ҷавобии нимаиҳоӣ «Равшан» аз «Хатлон» бо ҳисоби 0:2 мағлуб шуд. Дар бозии аввал кӯлобиҳо бо ҳисоби 3:0 ғолиб омада буданд.

***

Аз 16 то 20-уми октябр дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон Чемпионати 13-уми акробатикаи варзишии Осиё баргузор шуд, ки дар он дастаҳои мунтахаби Қазоқистон, Ҳиндустон, Куриёи Ҷанубӣ, Ҳонконг, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ширкат карданд. Варзишгарони тоҷик баъди танаффуси тӯлонии 13-сола дар аввалин иштироки худ комёб шуданд. 4 варзишгари Тоҷикистон дар ин мусобиқа ширкат карда, сазовори 4 нишони биринҷӣ шуданд.

***

23-юми октябр дар шаҳри Остонаи Қазоқистон Чемпионати бокси Осиё миёни наврасону ҷавонон шуруъ шуд, ки то 3-юми ноябр идома мекунад. Дар чемпионат миёни наврасон 220 варзишгар (147 писар, 73 духтар) ва миёни ҷавонон 215 варзишгар (137 писар, 78 духтар) ширкат мекунанд. Дастаи мунтахаби наврасону ҷавонони Тоҷикистон дар ҳайати 24 варзишгар (13 наврас, 11 ҷавон) ба Қазоқистон сафарбар шудаанд.

***


Аз 20 то 30-юми октябр дар шаҳри Риёзи Арабистони Саудӣ мусобиқаи «World Combat Games 2023» дар намуди куштии кураш баргузор мешавад. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа Боқӣ Валимуҳаммад (65 кг), Наврӯзи Каримзод (75 кг) ва Ҳамроз Раҷабов (85 кг) намояндагӣ мекунанд.



ҚАИҚСАВОР БА РУСИЯ РАФТУ ҲАБС ШУД

Дар вилояти Смоленски Русия як шаҳрванди Тоҷикистонро барои он ки савори қаиқ тавассути дарёи Днепр ба қаламрави Русия даромадааст, ҷарима бастаанд. Ва он ҳам баъди ҳаштуним моҳе, ки ин муҳоҷир дар паси панҷара ба сар бурд.

Бино ба иттилои маркази матбуоти Суди вилояти Смоленск, ин марди тоҷик ҳарчанд медонист, ки вуруди ӯ ба қаламрави Русия қонунан манъ карда шудааст, бо ҳавопаймо то шаҳри Минск, пойтахти Белорус омадааст ва рӯзи 21-уми сентябри соли 2022 аз онҷо бо таксӣ то марзи давлатии Русия рафта, сипас бо қаиқ бо кумаки як нафари дигар аз тариқи дарёи Днепр марзи Русияро дар минтақаи Красное дар ҳудуди ноҳияи Краснинои вилояти Смоленск гузаштааст. Ӯ баъди убури марз як каме дар ҷангал истироҳат карда, сипас ба роҳи мошингард баромадааст ва ба як мошини раҳгузар савор шуда, ҳаракаташ ба дохили Русияро идома додааст. Ин муҳоҷирро танҳо баъди чоруним моҳи вурудаш ба қаламрави Русия, рӯзи 9-уми феврали соли 2023 кормандони пулис дар шаҳри Красноярск, ки дар фосилаи қариб 4700 километр аз маҳали марзи Русияро убур кардани ӯ ҷойгир шудааст, муайян ва дастгир кардаанд.



ФАВТИ КӮДАКИ ЯКСОЛА ДАР ЗЕРИ ЧАРХИ МОШИН

Дар деҳаи Тангаии ҷамоати деҳоти Симиганҷи шаҳри Ваҳдат ронандаи автомашинаи тамғаи “ГАЗ-33020” Олимов Ғиёсиддин Давлатбекович кӯдаки яксоларо пахш кард.

Ҳодиса 19-уми октябри соли 2023, тахминан соати 16:30 дақиқа рух додааст. Ронанда аз уҳдаи идораи воситаи нақлиёт набаромада, хурдсол Ҳасанзода Шаҳнозаи Ҷамшед, соли таваллудаш 2022, сокини ҳамин шаҳрро пахш намудааст. Дар натиҷа, хурдсол Ҳасанзода Ш. Ҷ. ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардошта, ҳангоми ба беморхона дастрас намудан дар роҳ ба ҳалокат расидааст.



АЗ МАСҶИД БА ВОЕНКОМАТ

Боздоштшудагонро чӣ интизор аст?

Рӯзи 20-уми октябри соли 2023, баъди намози ҷумъа неруҳои ОМОН-и Русия дар масҷиди шаҳри Котелники дар канори Маскав рейд гузаронида, даҳҳо нафарро дастгир карда ва дастгиршудагонро ба комиссариати ҳарбӣ бурдаву ҳатто аз ташхиси тиббӣ гузаронидаанд ва аз онҳо талаб доранд, ки қарордод имзо карда, ба ҷанги зидди Украина раванд.

Дар ин бора яке аз дастгиршудагон - иштирокчии марҳалаи ниҳоии озмуни “Перепой звезду” дар “Шабакаи якум”-и ТВ Русия Мамут Усеинов (Маҳмуд Ҳусейнов) хабар дод. Овозхони 26-сола тавонист аз нуқтаи ҷамъоварии сарбозони оянда дар шаҳри Балашиха чанд видео сабт ва дар саҳифааш дар «Телеграм» нашр кунад.

Бино ба нақли Маҳмуд Ҳусейнов, пулис дар масҷиди Котелники дарҳоро баста, ҳар намозгузорро якто-якто сар дода, ҳуҷҷатҳояшонро тафтиш мекард. Ҳамин тавр, даҳҳо нафарро ба автобусҳо бор карда, ба Комиссариати ҳарбии шаҳри Любертси оварда ва дар инҷо ҳамаро аз комиссияи тиббӣ гузаронида, барои хидмати ҳарбӣ мувофиқ донистаанд. Сипас дастгиршудагонро ба нуқтаи ҷамъоварии сарбозон дар шаҳри Балашиха бурда, аз онҳо талаб кардаанд, ки ё ба хидмати ҳарбии ҳатмӣ бираванд ва ё бо Вазорати мудофиаи Русия қарордод имзо кунанд.

Ҳанӯз маълум нест, ки дар ҷараёни ин рейд чанд тоҷик дастгир шудаанд, вале дар видеои сабтшуда дар дохили яке аз автобусҳое, ки дастгиршудагонро аз масҷиди Котелники ба комиссариати ҳарбӣ мебурд, садои суҳбат ба забони тоҷикӣ шунида мешавад.

СӮХТОРИ ҲАВОПАЙМОИ РУСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН

Як ҳавопаймои боркаши тамғаи Ил-76-и Русия ҳангоми ба парвоз хестанаш дар фурудгоҳи Ҳисор дар Тоҷикистон оташ гирифта, қариб пурра ба хокистар табдил ёфтааст.



Дар ин бора рӯзи 20-уми октябр Telegram-канали Mash хабар дод.

“Бино ба фарзияи муқаддамотӣ, сӯхтор дар яке аз муҳаррикҳои ҳавопаймо сар задааст. Дар натиҷа ҳавопаймо аз хати парвозу фуруд берун шуда, пурра сӯхт. Экипаж осеб надидааст”,- хабар додааст Mash ҳамроҳ бо як акси ҳавопаймои сӯхта. Дар акс дида мешавад, ки дар натиҷаи сӯхтор ҳавопаймо амалан ду пора шуда, ба ҷуз аз қисмати пеш ва қисмати қафо, дигар қисматҳои ИЛ-76 пурра сӯхта, хокистар шудаанд.

Расонаҳои Русия бо такя ба манобеи худ хабар доданд, ки ин ҳодиса шаби 19 ба 20-уми октябри соли 2023 дар фурудгоҳи ҳарбие, ки дар деҳаи Айнӣ, дар ҳамагӣ 8-километрии ғарби шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистон, дар тарафи Ҳисор ҷойгир шудааст, рух додааст.

ДОМУЛЛО АБДУҚАҲҲОР

чаро соҳиби ҷанозаро таҳқир кард?

Абдуқаҳҳор Мирзоев ё маъруф ба “Домулло Абдуқаҳҳор”, ки гуфта мешуд, дар намози ҷаноза наздикони майитро “бенамоз” гуфта, таҳқир кардааст, имомхатиб ё имоми ягон масҷиди ҷомеъ ё панҷвақтаи кишвар набудааст ва ҳоло аъмоли ӯ аз сӯи мақомоти дахлдор санҷида мешавад.

Дар ин бора Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Тоҷикистон бо пахши як изҳорот хабар дод.

Ёдовар мешавем, ки 18-уми октябр журналисти тоҷик Абдуқодир Талбаков бо нашри як акс навишт, ки шахсе бо номи домулло Абдуқаҳҳор дар намози ҷанозаи як духтар наздикони ӯро таҳқир кардааст, ки ӯ намозхон набуд.

Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Тоҷикистон гуфтааст, бо вуҷуди он ки ӯ дар ягон масҷид имомхатиб ё имом набуд, рӯзи 17-уми октябр номбурда дар деҳаи Турдибобои шаҳри Ҳисор намози ҷанозаро имоматӣ кардааст.

“Дар ҳоле ки тибқи қарори Шурои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин салоҳиятро имоми масҷиди панҷвақтаи деҳа дорад.



Имоми масҷиди панҷвақтаи деҳаи мазкур Аминов Неъматулло мебошад”,- омадааст дар изҳороти ин ниҳод.

Як манбаъ хабар дод, ки эҳтимоли паст задани шаъну шарафи соҳибони майит аз сӯйи Мирзоев Абдуқаҳҳор аз ҷониби мақомот санҷида мешавад.

ҲАБСИ 6 ФАРЗАНДИ МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК

Дар шаҳри Самараи Русия дар пайи занозанӣ бо наврасони маҳаллӣ 6 фарзанди муҳоҷирон аз Тоҷикистон ва як фарзанди муҳоҷир аз Қирғизистонро ба ҳабс гирифтаанд.

Занозанӣ шаби 16-уми октябри соли 2023 дар боғи Ғалаба рух дод. Ин қазия вақте оҳанги ҷиддӣ гирифт, ки волии вилояти Самара Николай Азаров хостори муҷозоти сангини иштирокчиёнаш шуд. Дар посух, фарзандони муҳоҷирон дар Интернет видеое гузошта, волии Самараро бо як лаҳни қабеҳ таҳқир карданд ва гуфтанд, ки аз дасти волӣ коре барнамеояд ва бо онҳо ягон кор карда наметавонад.

ЗАНОЗАНӢ ДАР “ХВАКАНТА”

Шаби 15-уми октябри соли равон дар маркази дилхушии “Хваканта”-и Хуҷанд занозанӣ рух дод.

Мардони 35, 33, 32-солаи сокинони шаҳри Хуҷанд шаби 15-уми октябри соли 2023, тахминан соати 00:30 дақиқа бо мақсади истироҳат намудан ба маркази дилхушии «Хваканта» рафта, ҳангоми дар ҳолати мастӣ қарор доштанашон бе ягон асос бо марди 33-солаи сокини шаҳри Душанбе ҷанҷол намуда, ӯро латукӯб кардаанд. Дар натиҷа, ҷабрдида ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, дар беморхона бистарӣ гардидааст.

ҒОРАТИ ҶАВОНИ 18-СОЛА АЗ ҶОНИБИ НАВРАСИ 15-СОЛА

Ба ШВКД-2 дар ноҳияи Сино бо ариза ҷавони 18-солаи сокини шаҳри Турсунзода мурочиат намудааст, ки шаби 2 ба 3-юми октябри соли 2023, тахминан соати 00:10 дақиқа, ҳангоми дар кӯчаи Зарнисори шаҳри Душанбе қарор доштанаш, шахсони номаълум ӯро латукӯб кардаанд.

Ҳамчунин, бо тариқи зӯроварӣ аз ӯ 1 адад телефони мобилии тамғаи “Редми-9”, 400 сомонӣ ва 1 адад курткаашро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. Аз ҷониби кормандони милитсия ноболиғи 15-солаи сокини шаҳри Турсунзода бо гумони ғоратгарӣ дастгир карда шуд, ки ӯ чиноятӣ мазкурро бо ҳамроҳии “Самир” ном шахс содир намудааст.



ДИАБЕТИ ҚАНД ВА ХАТАР БА ПОЙҲО

Миёни беморони диабети қанд дарди пой яке аз зуҳуроти паҳнгашта ба ҳисоб меравад ва он сабабҳои гуногун дошта, дар натиҷаи осеби торҳои хурди асаб, осеби рагҳо, бемориҳои буғум ва бемориҳои рагӣ метавонад пайдо шавад.

Инчунин гардиши хун дар пойҳои нафарони гирифтори бемории диабети қанд метавонад ихтилол ёбад. Дар натиҷа, дар пӯст захмҳо метавонанд ба вуҷуд оянд, ки барои маскун шудану афзоиш ёфтани бактерияҳои гуногун шароити мусоид фароҳам меоранд. Хусусан, глюкозае, ки дар асари аракӣ пойҳо берун меояд, ба зиёд шудани ҳар гуна бактерияҳои инфексионӣ мусоидат мекунад.

Аз ҳамин сабаб, беморро зарур аст, ки бемориҳои пӯстро пешгирӣ намояд, яъне пӯсти пойҳояшро тоза нигоҳ дорад. Зеро ҳар гуна захмдоршавӣ дар пӯсти шахси гирифтори бемории қанд (ҳатто захми хурдтарин ҳам) ба захми дарозмуддати шифонаёбанда табдил меёбад.

Тавсия мешавад, ки барои солим нигоҳ доштани пойҳо ба гуфтаҳои зайл таваҷҷуҳ намоед:

- Ҳар рӯз пойҳоятонро шӯйед ва ба хушкшавии онҳо аҳамият диҳед.

- Барои осеб надидани пӯсти пой дастмоли маҳинро истифода баред.

- Кафши гарм истифода баред, барои гарм кардани пойҳоятон ҳангоми хунук хӯрданашон аз гармкунакҳо истифода набурда, бо ҳаракати ангуштонатон ва маҳс онҳоро гарм кунед.

- Нохунҳои пойҳоятонро чуқур нагиред.

- Аз пойафзоли тангу кафшҳои пошнабаланд истифода набаред.

- Аз сарпоиҳое, ки тасмаашон аз байни ангуштон мегузаранд, истифода набаред.

- Агар дар пойҳоятон захме пайдо гардад, бо равғани ангат малҳам гузоред.

Таъкид:

Инчунин, барои пешгирӣ ва табобат истифода аз оби такшон ва дамхӯрдаи гиёҳҳои шифоӣ метавонад самараи хуб диҳад.

Дар 5 литр оби ширгарм 0,5 қошуқ “даҳани фаранг” (медний купорос)-ро маҳлул карда, дар тағора дошта, пойҳоро даруни он 20 дақиқа нигоҳ доред; барои ҳароратро муътадил нигоҳ доштан, болои зонуҳоро мебояд бо кампал (одеял) пӯшонид. Пойҳоро аз тағора гирифта, хушк накарда, равғани кастора (касторка) молед ва чӯроби пахтагин пӯшед.

Панҷ барги офтобпарстро дар оби чӯшида тар карда, гармогарм ба пойҳои дардманд баста, давоми шаб нигоҳ доред, ки барои пешгирии гангрена хеле судманд аст. Ин усулро як шаб пас такрор намудан тавсия мешавад.

Аз гиёҳҳои шифобахш истифода баред! Пеш аз истифодаи онҳо ба духтури табобатии худ муроҷиат кунед, зеро истифодаашон аз миҷоз вобаста буда, ҳар яки ин дастурҳо ба ҳама як хел таъсир намекунанд.

ҚАЛАМФУРИ ТУНД: ЗАРАР ВА ФОИДАИ ОН



Таъми тези ин маҳсулот бо мавҷудияти моддаи алкалоид, ба монанди капсатсин (тақрибан 2% вазни хушк) алоқаманд аст. Гузашта аз ин, компонентҳои зикршуда дар навъҳои дигари ширинтари қаламфур амалан вуҷуд надоранд.

Миқдори капсатсин дар таркиби сабзавоти дар боло зикршуда ҳар қадар баландтар бошад, хосиятҳои сӯзонидани он қавитар мешавад.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки капсатсин дар қаламфури сурх барои афзоиши мӯй хуб аст. Бо илова кардани афшураи ин маҳсулот ба никоби мӯй, шумо метавонед гардиши хун дар пӯсти сарро ба таври назаррас афзоиш диҳед, ки дар навбати худ фолликулаҳои мӯйро такмил ва таъсири ғизоҳои маҳсулоти истифодашударо афзоиш медиҳад.

Хусусиятҳои дардноккунандаи қаламфури тунд бо он шарҳ дода мешавад, ки истифодаи он ба истеҳсоли эндорфин мусоидат мекунад, яъне гормонҳое, ки дардро кам мекунанд ва стрессро сабук мекунанд. Инчунин эндорфинҳо гардиши хуни миокардро ба таври назаррас афзоиш медиҳанд, рушди атеросклерозро пешгирӣ ва дар раванди терморегулятсия иштирок мекунанд.

Қаламфури тунд ба иштиҳои инсонӣ низ таъсир мерасонад. Дар миқдори кам, ин маҳсулот ӯро ба ҳаяҷон меорад ва дар миқдори зиёд афсурда мекунад.

Афшураи қаламфури тунд метавонад фишори хунро паст кунад. Аммо, бояд қайд кард, ки истифодаи онро хеле бодиққат, бо чанд қатра бо назардошти тамоми таъсири манфӣ оғоз кардан лозим аст. Ҷолиб аст, ки ҳангоми табобати тундӣ ин хосиятҳо тақрибан пурра гум мешаванд. Дар ин робита, беморони гипертония бояд танҳо афшураи тару тозаи фишурдашударо истифода баранд.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафта барои нафароне, ки пур аз неруянд, бобарор меояд. Дар кору тиҷорат фаъолтар амал намоед, вале дар ҷодаи муҳаббат вазъият чандон хуб ҷараён намегирад. Сергайративу ташаббускории шумо ба роҳбарияти коргоҳатон хуш меояд.



Савр
21.04 - 21.05

Доираи шиносони худро васеъ гардонида, вазъи молиявиро беҳтар сохта метавонед. Бо нафаре шинос мешавед, ки муҷиби пешравӣ дар касбу коратон мегардад. Нобоварӣ ва рашки шумо ёратонро асабхароб месозад, худро ба даст гиред, рашки шумо асос надорад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин ҳафта баробари бурдборӣ нобарорӣ низ пеш меояд. Ба хотири ба ваъдаи худ вафо намудан аз ҳад зиёд хаста нагардед, ба қувваи худ нигоҳ карда кор кунед. Дӯстдоштаатон аз шумо диққати бештар талаб мекунад, маҷбур шуда, барояш туҳфа мегиред.



Саратон
22.06 - 23.07

Шуморо сафару вохӯриҳо интизор аст. Мутаассифона, на ҳамааш табъи дили шумо ҷараён мегиранд. Аз ҳама кор фоида ба даст оварданро омӯзед. Барои он ки аз ёратон ҷудо нашавед, ӯро бо меҳру муҳаббати худ фаро гиред.



Асад
23.07 - 22.08

Зиндагӣ ба маҷрои худ равона аст ва ҳар ҳодисае сар мезанад, аз тақдиру насиби худ бинед. Корҳои нотамоми худро ба анҷом расонед, вагарна бо кори дигар машғул шуда наметавонед. Айни замон бояд аз назари духтур гузаред, эҳтимоли бемор шуданатон вуҷуд дорад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта ба ғизои худ диққати бештар дода, бесабаб асабӣ нашавед. Ба шитобкорӣ роҳ надиҳед, вагарна тамоми кӯшишу талошатон беҳуда анҷом меёбад. Агар имкон дошта бошед, бо дӯстдоштаи худ ба саёҳат бароед.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта ҳарчи бештар пул ба даст овардан мехоҳед. Ҳар он чизе дилатон мехоҳад, ба хотири болидаруҳӣ ба даст оред. Барои он ки кори зиёд шуморо хаста насозад, баъзан аз уҳдадориҳои зиёдатӣ саркашӣ карданро омӯзед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Кореро, ки уҳдаааш баромада наметавонед, ба дӯш нагиред. Фаромӯш насозед, ки «қудрат ба тавоной» гуфтаанд. Ба хотири соҳиби вазифае гаштан, ба аввалин коре, ки пешниҳод мекунанд, даст назанед. Агар бо дӯстдоштаи худ ба сайри табиат бароед, як ҷаҳон таассурот ба даст меоред.



Қавс
25.11 - 21.12

Нафароне пайдо мешаванд, ки аз дилкушодиву нексириштиятон истифода бурдан мехоҳанд. Ба касе имкон надиҳед, ки шуморо ба нафъи худ истифода барад. Дӯстдоштаи худро бо муҳаббат фаро гиред, айни замон ӯ ба ғамхории шумо ниёз дорад.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Бо вуҷуди он ки корҳоятон барор намегиранд, табъи худро болида нигоҳ доред. Аз нобарориҳо дилмонда нашавед, вазъият рӯзҳои наздик рӯ ба беҳбудӣ меорад. Дӯстдоштаатон ҳар амалу кирдори шуморо нодуруст қабул мекунад, аз ин рӯ, хушёриро пеша намоед.



Далв
21.01 - 19.02

Бо вуҷуди монеаҳое, ки садди роҳатон мегарданд, фаъолнокиро аз даст надиҳед. Серкорӣ фикрҳои мағшушро аз саратон дур месозад. Агар ёратон шуморо тарк гуфт, ҷояшро беҳтаре мегирад. Ноумедӣ шуморо аз по меафтонад, вале табъи худро хуш нигоҳ доред.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳангоми рафъ намудани мушкилоти рӯзмарра, ба худ низ диққат додanатон лозим аст. Аз тағйир додани реҷаи корӣ натарсед, шумо бояд барои осон шудани кор роҳҳои дигарро пайдо намоед. Дӯстдоштаатон аз муҳаббату ғамхории шумо болидаруҳ мегардад.

СИЁСАТМАДОРИ ДУРАНДЕШ

Ёде аз Шодӣ Шабдолов



Зиндаю ҷовид монд, ҳар кӣ
накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда
кунад номро.

Ситораи арбоби давлатӣ, шахсияти фозилу донишманд, сиёсатмадори дурбину дурандеш, марди сухандону базлагӯй Шабдолов Шодӣ Давлатович суқут кард.

Шиносоии ман бо Шодӣ Давлатович соли 1985 дар шаҳри Хоруғ сурат гирифта буд. Мавсуф он замон вазифаи котиби якуми Ҳизби коммунисти шаҳри Хоруғро ба дӯш дошт.

Сафарам ба Хоруғ ба иртиботи мактуби шикоятии як гурӯҳ духтурони бемористони марказии шаҳри Хоруғ буд. Муаллифон навишта буданд, ки шахсе бо номи Насриддиншо Ҷалолов, ки дипломи духтурӣ надорад, даст ба табобати беморон задааст ва бо ин амалаш зиён ба мардум мерасонад.

Барои тадқиқи ин қазия идораи рӯзнома маро ба ВМБК сафарбар кард.

Суҳбатҳо бо духтурон, табиб ва беморон собит сохт, ки ҳадафи муаллифон манфиати беморон нест, асли гап дар чои дигар аст. Падидаи бозсозии горбачёвӣ то ҳадде мардумро аз хоби гарон бедор карда буд ва онҳо ба гузашта, ниёгон аз равзанаи дигар назар меандохтагӣ шуданд. Ин падида аз Душанбе оғоз шуд ва оҳиста-оҳиста ба музофот доман паҳн кард.

Албатта рӯй овардан ба тибе, ки аз Ибни Синою Розӣ сарчашма мегирад, наметавонист боиси изтироби духтурон нагардад. Марҳум ректори Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон Исҳоқӣ Юсуф Баширхонович аз ҷонибдорони тиби мардумӣ буданд. Вале то ҳанӯз бароям рӯшан нест, ки чаро Юсуф Нуралиев, ки баъдтар дар заминаи омӯзиши тиби ниёгон, гиёҳшиносӣ шуҳрат ва маҳбубият пайдо кард, он замон яке аз мухолифони сарсупурдаи тиби ниёгон буд. Мутаассифона, идеологияи Шуравӣ тарзе роҳандозӣ шуда буд, ки ҳар чиро ба ниёгон тааллуқ дошт, кухна, ақибмонда медонистанд. Муносибат ба тиби мардумӣ низ чунин буд.

Ҳамин буд, ки Кумитаи вилоятии Ҳизби коммунист аз духтурон тарафдорӣ ба амал оварда ва ба прокуратураи вилоят дастур дод, ки пеши роҳи Насриддиншо Ҷалоловро гирад. Прокурори вилоят Михалков алайҳи Насриддиншо Ҷалолов парвандаи ҷиноятӣ оғоз мекунад. Чунин буду ҳаст, ки агар дастур бошад, далел пайдо мешавад. Нисбати табиби мардумӣ Насриддиншо Ҷалолов "далел"пайдо карданд. Дар боғи ӯ ду бех ниҳоли кӯknор пайдо мекунанд. То ҳанӯз маълум нест, ки ниҳоли пажмурдаи кӯknорро аз кучо оварда буданд.

Насриддиншо Ҷалоловро ба ҳабс мегиранд.

Шояд "гуноҳи" азими табиб дар он буд, ки беморон аз СССР ва кишварҳои лагери сотсиалистӣ барои табобат ба бемористони шаҳри Хоруғ не, балки назди ӯ ба деҳаи Реваки ноҳияи Шуғнон меомаданд. Албатта ин ба иззати нафси духтурони касбӣ наметавонист нарасад.

Бурдани тадқиқоти журналистӣ оид ба ин қазия албатта кори осон набуд. Барои донистан, ки шамол аз кучо мевазад, фаҳмидани назари роҳбарони ҳизбӣ муҳим буд. Суҳбат бо прокурори вилоят Михалков чандон дароз набуд. Ӯ бо ҳама мухторияту намояндаи Маскав буданаш бо ангушт ишора ба боло кард. Маънӣ, дастур аз боло шуд.

Суҳбат бо котиби идеологии ҳизби вилоят Зебо Шодмонова тӯлонӣ буд. Ӯ ба котибааш дастур дод, ки касеро ичозати ворид шудан ба дафтари кораш надиҳад. Баҳси чандинсоатаи паси дари баста то ҳанӯз дар хотирам накш бастааст. Зебо Шодмонова аввал хост собит созад, ки Насриддиншо Ҷалолов ҷиноятқор аст. Чун бо далелҳои ҷамъовардаи ман сар ба сар шуд, усули маъмулии роҳбарони яккаҳукмрон - таҳдидро роҳандозӣ кард. Вале мавқеи ӯ ҳанӯз мавқеи Ҳизби коммунист набуд. Амали онҳое буд, ки агар салла гӯй, калла меоранд.

Ҳизби коммунист бо тамоми диктатурааш нисбати матбуот демократӣ буд. Аз рӯзноманигорони ҳақбину ҳақгӯй ҷонибдорӣ мекард, ба масъулин имкон намедод, ки санги маломат ба сари рӯзноманигорон зананд.

Зебо Шодмонова чун дид, ки тираш хок хӯрд, ба созиш гузашт ва хоҳиш кард, ки дар ин мавзуъ мақола нанависам. Вале баёни воқеияти натиҷаи табобати Насриддиншо Ҷалолов на танҳо ҳимоят аз як шаҳрванде буд, ки ҷиноят содир накардаасту дар роҳи ҳақ қарор дорад, балки ҳимояи тиби ниёгон буд, ки ба гӯшаи фаромӯшӣ андохта буданд.

Чун ин моҷаро дар Хоруғ сурат гирифта буд, барои дарёфтани он ки айб дар ош аст ё мош, мулоқот бо котиби якуми Ҳизби коммунисти шаҳри Хоруғ Шабдолов Шодӣ Давлатович муҳим буд. Шодӣ Давлатович ба ин вазифа баъди фаъолият дар КМ ҲК Тоҷикистон ва кор ба ҳайси мушовири Котиби генералии Кумитаи марказии Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон Бабрак Кормал омада буд. Сухан ва мавқеи ӯ байни ҳизбиён вазн дошт. Барои ҳамин мехостам, ки назари ӯро нисбати Насриддиншо Ҷалолов фаҳмам.

Ӯ бандаро хуб пазируфт ва пешниҳод кард, ки суҳбатро сари як пиёла чой давом диҳем. Суҳбати мо дар чойхонаи деҳаи Танг идома ёфт. Ман дар симои ӯ мардеро дарёфтам, ки пур аз ифтихороти миллӣ буд. Донишманд, дурбин, бо тамоми серҳаракатиаш, ки хоси мардуми Бадахшон аст, бо таҳаммул ҳарф мезад. Аз ӯ хоҳиш кардам, ки назарашро нисбати Насриддиншо Ҷалолов баён кунад. Ӯ суханро аввал аз дур - Ибни Сино, муҳимияти зинда сохтани тиби ниёгон оғоз кард ва чун ба Насриддиншо Ҷалолов расид, гуфт: "Афсӯс, бегуноҳон қурбони беадолатӣ мешаванд".

Ман донистам, ки дар мавриди Насриддиншо Ҷалолов, тиби мардумӣ, Шодӣ Давлатович бо идеологи рақами яки вилоят дар як мавқеъ қарор надорад. Ин бароям муҳим буд.

Баъд аз бозгашт ба Душанбе очерке бо номи "Лекар" дар нашрияи машҳури СССР "Литературная газета" чоп кардам. Хушбахтона сухани матбуот қадр дошт, Насриддиншо Ҷалоловро аз ҳабс озод карданд.

Албатта солҳои баъд бо Шодӣ Давлатович ҳангоми намояндаи мардумӣ, раиси Ҳизби коммунисти Тоҷикистон буданаш, борҳо ҳамсуҳбат шуда будам. Ӯ ҳамеша дар мавқеаш устувор, тағйири мавқеъ барояш баробар ба хиёнат буд.

Рӯзноманигори мутафаккир Дорои Дӯст, ки бо Шодӣ Шабдолов дар Афғонистон кор мекард, боре ҳодисаеро нақл кард: " Ман бо Шодӣ Давлатович ва боз як масъули ҳизбии замони Шуравӣ дар Кобул, дар як хонаи сеутоқа зиндагӣ доштам. Он рӯз Шодӣ навбатдор буд, вазифаи навбатдор танзими хона ва тайёр кардани хӯрок буд. Мо субҳонаро хӯрдем ва берун баромадем. Як вақт ба хотирам расид, ки мабодо навбатдор чудо кардани сими чойнаки барқиро аз барқ фаромӯш накарда бошад.

Аз Шодӣ пурсидам:

- Чойнакро аз барқ чудо кардӣ?

Шодӣ ба ҳамхонаи дигарамон рӯй оварду бо табассум гуфт:

- Давлати Шуравӣ як истгоҳи барқии калон - "Помир 1"-ро ба ман бовар карда супориду устод Доро як чойнакро ба ман бовар намекунад.

Марди ҳозирҷавоб, донишманд ва ширинсухан буд Шабдолов Шодӣ Давлатович.

Руҳаш шоду манзили охираташ обод бошад!

Шариф ҲАМДАМПУР

Мавлудномa

• 26 ОКТЯБР •

Борис Пиговат (1953), 70-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

Евгения Хохлова (1908-1987), 115-солагии зодрӯзи Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

Луи Дюбу (1798-1863), 225-солагии зодрӯзи шарқшиноси фаронсавӣ, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

• 27 ОКТЯБР •

Исроил Дадоматов (1933), 90-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Василий Захватов (1923-1989), 100-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Исроил Исмоилов (1918-2004), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Анвар Ҳоҷиев (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Александр Ферсман (1883-1945), 140-солагии зодрӯзи геохимик ва минерологи рус, таҳқиқгари канданиҳои фоиданоки Тоҷикистон.

• 28 ОКТЯБР •

Муҳаммад Болтаев (1928-2011), 95-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Шодмон Сафоев (1938-2016), 85- солагии зодрӯзи журналист.

Солеҳ Холматов (1943-1984), 110-солагии зодрӯзи актёр ва коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 29 ОКТЯБР •

Ихтиёр Ашӯров (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Темурбой Мирхолиқов (1938-2005), 85-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Галина Соловей (1918-2004), 105-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 30 ОКТЯБР •

Марк Беркович (1903-1994), 120-солагии зодрӯзи муаррих.

Ҳасан Каримов (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор.

• 31 ОКТЯБР •

Саидумрон Саидов (1968), 55-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Азизулло Шарифов (1953), 70- солагии зодрӯзи сароянда.

• 1 НОЯБР •

Умарҷон Баҳриев (1943), 80-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

Ҳасан Ғоиб (1968), 55-солагии зодрӯзи мутарҷим (аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ).

Иван Дедов (1923-2006), 100-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Сироншо Диловаров (1948), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сотих замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳозаш, дарову зиндагӣ кун, ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел. 927-70-23-38

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки ба номи шаҳрванд Каримова Сотихон, аз санаи 22.06.1998 дар Идораи нотариалии Фрунзеи ш. Душанбе таҳти феҳристи 8Д-3167 ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ ба номи Қосимов Зайнулло Шамсулоевич, №0423035, РЯМ: 0331418670, РМА: 205093895, санаи судур 02.03.2020, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10, №043746 ба номи Саидова Ҷамила Шарифовна, соли хатм 1985, ки аз ҷониби МТМУ №34-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №16891 ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №1ш-565 аз санаи 07.07.2008 ба номи Олимова Раҷаби Каримовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, маҳаллаи Гулбутта 1, хонаи 140, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар ш. Душанбе, кӯчаи Ғалаба, хонаи 12, аз санаи 18.11.1991 байни Лактионов Владимир ва Мурзинцева Татьяна бо Сафаров Амирбег ва Сафарова Назурби бо феҳристи №4с-993, ки дар Идораи нотариалии давлатии ш. Орҷоникизеобод (Ваҳдат) ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 2004356 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 2018781 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 6060049 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 4000767 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Файзуллаева Раъно Ҳошимовна, РЯМ: 0430159125, РМА: 025419809, ки 24.12.2013 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАЗАРПУРСӢ

ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТИИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ДАР ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНӢ

1	Оё шумо аз хизматрасониҳои мақомоти андоз дар шакли электронӣ истифода мебаред?	Ҳа	Не
2	Шумо аз кадом намуди хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз истифода бурдед? Лутфан, ҷавобҳои дахлдорро интихоб намоед: а) б) в) г)		
3	Оё шумо истифода бурдани хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз барои шумо осон аст?	Ҳа	Не
4	Дар кадом ҷиҳат хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз барои шумо мушкил аст? Лутфан, ҷавобҳои дахлдорро интихоб намоед.		
5	Оё шумо ба вебсайти мақомоти андоз ворид шуда, маълумоти зарурӣ ёфта метавонед?	Ҳа	Не
6	Оё шумо ба вебсайти мақомоти андоз ворид шуда, маълумоти зарурӣ ёфта метавонед?	Ҳа	Не
7	Оё Маркази хизматрасонии Комитети андоз ба шумо кӯмак расонд?	Ҳа	Не
8	Оё Маркази хизматрасонии Комитети андоз ба шумо кӯмак расонд?	Ҳа	Не
9	Оё шумо ба вебсайти Мақомоти андоз ворид шуда, маълумоти зарурӣ ёфта метавонед?	Ҳа	Не
10	Шумо аз кадом намуди хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз истифода бурдед? Лутфан, ҷавобҳои дахлдорро интихоб намоед: а) б) в) г)		
11	Оё шумо аз хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз истифода бурдан мехоҳед?		
12	Шумо аз кадом намуди хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз истифода бурдан мехоҳед?		

PS: Ба шаҳрвандон ва ширкатҳои тиҷоратӣ, ки мехоҳанд ба хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз ворид шаванд, лозим аст, ки ба Маркази хизматрасонии Комитети андоз муроҷиат намоянд. Ҳамчунин, Нозирати андоз ба шумо маълумоти зарурӣ дар бораи хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз медиҳад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 8Ш-2733 аз 16.06.2014, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Каримов Зулфиқор Қудратуллоевич бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Маяковский, хонаи 75/3, квартираи 47 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ва шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1К-5037, ки аз 30.08.1990 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Иронова Сафина Шириншоевна бо суроғаи н. Рӯдакӣ,0 пос. Шайнак, кӯчаи Централная 118 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 4М-105, кори меросии рақами 132/2013, ки аз 15.05.3013 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Куйсунов Яқуб Султонмуродович, Куйсунов Мавлон Султонмуродович ва Куйсунова Ҷамиля Султонмуродовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Фирӯз, хонаи 6 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши ҳиссаи дар сарномаи оинномавии ҶДММ "МУЗАФАРИЁН" таҳти феҳрасти 2Ш-847, ки аз санаи 24.06.2013 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе ба номи ҶСК "Управление Механизированих работ" дар шахси Роҳбар Усмонов Фирдавс Раҳмонович тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Рузиев Фуркат Кенчаевич, РЯМ: 0730231132, РМА: 075973506, ки аз 16.08.2023 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЛТ-I №043000, рақами қайд №1167, ба номи Сафаров Мустафоқул Кулобиевич, ки соли 1987 аз Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявӣ ба номи П. Буйдоқов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи бинои таҳти литери 1А, хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-278, ки аз санаи 05.03.2020 дар Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи ҶТ ба номи Миракова Нилуфархон Сайдуллоевна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Д. Барно, хонаи рақами 47 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ ба номи Аминов Муҳаммадҷон Амонбоев, донишҷӯи курси 2, факултаи барномасозӣ, ки аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати Т-АТУ №1184435 ба номи Давлатов Толибҷон Ёраҳмадович, ки баъд аз ҷамъбасти соли хониши 2022-2023 аз ҷониби муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи М. С. А. Ҳамадонӣ дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №12Д-20 аз 19-уми январи соли 1999 ба номи Шамсудинов Нуридин Шарипович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Мичурина х 5, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки ба номи Каримова Сотихон, аз санаи 22.06.1998 дар Идораи нотариалии Фрунзеи ш. Душанбе таҳти феҳристи 8Д-3167 ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ ба номи Қосимов Зайнулло Шамсулоевич, №0423035, РЯМ: 0331418670, РМА: 205093895, санаи судур 02.03.2020, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10, №043746 ба номи Саидова Ҷамила Шарифовна, соли хатм 1985, ки аз ҷониби МТМУ №34-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №16891 ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №1ш-565 аз санаи 07.07.2008 ба номи Олимова Раҷаби Каримовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, маҳаллаи Гулбутта 1, хонаи 140, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар ш. Душанбе, кӯчаи Ғалаба, хонаи 12, аз санаи 18.11.1991 байни Лактионов Владимир ва Мурзинцева Татьяна бо Сафаров Амирбег ва Сафарова Назурби бо феҳристи №4с-993, ки дар Идораи нотариалии давлатии ш. Орҷоникизеобод (Ваҳдат) ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 2004356 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 2018781 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 6060049 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 4000767 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Файзуллаева Раъно Ҳошимовна, РЯМ: 0430159125, РМА: 025419809, ки 24.12.2013 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №31706 ва шартномаи хариду фурӯш бо реестри №8Д-100 ба номи Каримов Зиёрат Махмудович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов (собиқ Федина) 11/6, ҳ. 34, ки аз 15-уми январи соли 1997 дар нотариуси 3-юми давлатии Идораи нотариалии шаҳри Душанбе ба расмият дароварда шудаанд, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 1018050 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома аз 04.07.2013, таҳти феҳристи №18ғ-1035 ба номи Ҳасанова Собира Умаровна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 1-ум маҳаллаи Мирзобек, хонаи 14б, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҶДММ "Ошхонаи Айём", №0301003, РЯМ: 1210014245, РМА: 120044735, санаи судур 31.08.2022, ки дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи №10/8Б-20 аз 29-уми октябри соли 2020, байни Оева Саодат Касимовна ва ҶДММ "Шаҳри зебоимо", масоҳати умумии 45.86 дар ошёнаи 8-уми блоки Б-и, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №2064, ба номи ҶДММ "Тоҷикистон", истифодабаранда ҶСК "Стромаш", аз 13.12.2013 бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рудакӣ 204"в", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №4061, аз 19.11.2014 ба номи ҶДММ "Тоҷикистон", бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 204, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Чеки бонкӣ аз номи ҶДММ "Молҳои Умари Хайём", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Умаров Масруридин Қадридинович, РЯМ: 3330071773, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1586890 ба номи Кабирова Макнуна, соли хатм 2023, ки аз ҷониби МТМУ №95-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ 0039113, рақами қайд №29166, ба номи Аҳатов Фирдавс Абдумаҷидович, ки соли 2015 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Project Coordinator (HIV/AIDS project), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 14232/NPSA-10); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 2 November 2023 NY time.**
- **Project Coordinator (TB project), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 14227/NPSA-10; Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 2 November 2023 NY time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.



МОҶАРОИ ФАЛАСТИН

(Аввалаш дар саҳ.4)

Соли 1947 бо қарори СММ тасмим гирифта шуд, ки Фаластини зертобеи Британиё ба ду қисмат: арабнишин ва яҳудинишин ҷудо карда шавад ва идораи Ерусалим бо мақоми вижа аз ҷониби СММ сурат гирад. Вале, худи ҳамон сол дар натиҷаи ҳамлаи яҳудиён садҳо деҳоти атрофи Ғазза хароб, мардумаш торумор ва беш аз 700 ҳазор арабҳо фирорӣ шуданд.

Давлати Изроил дар заминаи санадҳои зиёде, ки солҳои 90-уми асри гузашта дар “Осло” ба тасвиб расиданд, бояд истиқлоли Фаластинро таъмин мекард ва дар минтақа ба шарофати гузаштҳои дуҷониба сулҳ ҳукмфармо мешуд, вале мутаассифона ин мочаро ба манзури ҳадафҳои геополитикии абарқудратон ва заъфу бечорагии СММ, ки мисли ҳамеша побанди баҳси ҳуқуқи занону ҳимояи ҳамҷинсгароён аст, то ҳанӯз идома дорад ва ҳамасола ҳазорҳо нафар мардуми бегуноҳ талаф мешаванд.

Дар мавриди ин, ки чаро рӯзҳои охир вазъи минтақа шадидан ноором шуд, чанд фарзия вуҷуд дорад:

НАХУСТ, интизорӣ меравад, ки Изроил бо баҳонаи ин ҳамла хоки Ғаззаро комилан аз арабҳо тоза мекунад ва мавқеи худро дар минтақа бештар таҳким мебахшад.

ДУВУМ, рейтинги Сарвазири Изроил ва ҳизби Ликуд ба иллати низоъҳои дохилӣ ва алоқаманд бо фасод поин рафтааст ва танҳо як низои бузург бо душмани беруна ва хатарнок ин вазъро метавонад ислоҳ кунад. Бояд ин нуктаро ҳамеша дар хотир дошт, ки солҳои охир тақрибан аксарияти низоъҳо бо сиёсати дохили кишварҳои абарқудрат алоқамандӣ доранд.

САВУМ, президенти ИМА низ дар ин ҳолат қарор дорад. Нақшаҳои Байден, Ҳизби демократии ИМА дар Украина ва Тайван нобарор буданд ва ӯро зарур аст, ки пеш аз интихобот лоақал дар як ҷабҳа ғолиб барояд, аз ин лиҳоз Изроил ва кишварҳои дигари минтақа, ки мисли Русия ва Чин аз лиҳози ҳарбӣ ва иқтисодӣ тавонманд нестанд, ба чолиш кашида шуданд.

ЧАҲОРУМ ва ин фарзия бештар ба ҳақиқат наздик аст. Кишварҳои араб дигар барои ғарб бӯшкаи нафт ва ё наққола (конвейер) барои тавлиди террористон будан намехоҳанд. Роҳбарони ин кишварҳо дарк кардаанд, ки дар ҳоли саркашӣ ва аз итоат берун шудан, сарнавишташон аз Саддом Ҳусейну Муаммар Қаззофӣ ҳеҷ тафовут нахоҳад дошт. Ба ин хотир, солҳои охир аз ҳамоҳангии сиёсати худ бо олами ғарб даст кашида, майл ба ҷониби BRICS доранд, ки ба якқаҳукмронии ғарб дар минтақа хатар дорад.

Бубинед, ба думболи мочарои Изроил ва Фаластин, Мисрро муттаҳам карда истодаанд, ки ба беш аз ду миллион гурезаҳои фаластинӣ иҷоза надод, ки ба биёбони Синай кӯч банданд. Яъне Изроиле, ки ба наслкушии фаластиниҳо даст задааст, айб надорад, вале Миср, ки рах додани ин миқдор гуреза барои кишвараш имконнопазир аст ва дар пайи он фурӯ хоҳад пошид, гунаҳкор...

Миср ҳоло бо дастгирии кишварҳое мисли Чин, Арабистони Саудӣ ва Русия даҳҳо шаҳрҳои сайёҳӣ ва бандарҳои бузург бино карда истодааст, ки ҳеҷ ба таъби дили элитаи ғарб нест...

ҲАМОС ДАСТПАРВАРИ КИСТ?

Тавре, ки дар боло зикраш рафт, бахши азими созмонҳои террористии исломӣ аз ҷониби кишварҳое заминагузорӣ шудаанд, ки дар ҳоли зарурат мавриди истифода қарор гиранд. Бо далелҳо собит шудаанд, ки чараёни Ваҳҳобия, Ал-Қоида, ДОИШ, Толибон ва мисли ин аз ҷониби кишварҳои ғарб созмон дода шудаанд ва ин созмонҳои террористӣ ҳамеша дар ҳоли зарурат мавриди истифода қарор мегиранд. Имрӯз расонаҳои ғарбӣ Эронро сарпарасти Ҳамос эълон мекунанд. Вале ҳар нафари каме огоҳ аз сиёсат ба хубӣ дарк мекунад, ки аслан ин гурӯҳ ба хотири заиф кардани гурӯҳҳои “Фатҳ” ва “Ҷиҳоди Исломӣ” таъсис ёфтааст.

Эрон гумон аст, ки ба Ҳамос робитаи густурдае дошта бошад, чун чунбиши мазкур суннимазаҳаб асту сиёсати ҶИЭ ба дастгирии ҳаракатҳои шиамазҳаб афзалият медиҳад. Ба андешаи баъзе коршиносони ҳирфай, Ҳамос аз ҷониби Қатар, ки дорои бузургтарин пойгоҳи неруҳои ҳавоии ИМА дар Ховари Миёна аст, сарпарастӣ мешавад. Пинҳон нест, ки ИМА ва Изроил бо Қатар муносибати хуб доранд ва бештари масоили сиёсии минтақа аз ҷониби онҳо дар Доҳа тарҳрезӣ мешавад.

Эҳтимол дорад, ки Ҳамос солҳои тӯлонӣ барои ҳамлаи чанд рӯзи пеш ба Изроил парвариш меёфт ва бо “дастур” ва иҷозаи созмондиҳандагонаш ин амали террористиро анҷом дод. Гумон аст, ки Изроил бо ин ҳама иқтидори ҳарбие, ки дорад ва қодир аст ба дилхоҳ кишварҳои мусалмони Ховари Миёна мушкил эҷод кунад, пеши чанд гурӯҳи разманда нотавон бошад. Танҳо бо истифодаи мушакҳо дар чанд рӯзи ахир ба хок яксон кардани Ғазза ва бамаротиб бештар аз қурбониёни яҳудитабор талафот расонидан ба арабҳои Фаластин худ далели раднопазиранд.

Ачиб ин аст, ки мушакборон кардани Изроил бемористону масҷиду калисоро, ки теъдоде аз онҳо ёдгориҳои қадимии таърихианд, аз амалҳои ДИИШ, ки осорхонаҳои аҳди бостони Ҳалабу Бобулистонро ба яғмо бурданд ва аз амали Толибон, ки бутҳои бузурги Бомиёнро ба хок яксон карданд, ҳеҷ тафовут надорад...

ҲУКУМАТҲО ХОМӮШАНД, ВАЛЕ МАРДУМ БА МАЙДОНҲО ФУРӮ РЕХТААНД

Ҳукуматҳои кишварҳои дорои араб, ки Изроилро иҳота кардаанд, хомӯшанд ва ё ба ном алайҳи бедодиҳо дар Фаластин садо баланд мекунанд. Ин кишварҳо, ки солҳо барои ҷиҳод дар хоки Ироқ, Сурия, Миср, Лубнон, Либия, Афғонистон..., ки мусалмоннишинанд, фатво медоданд, пешорӯи наслкушии Изроил хомӯшӣ ихтиёр кардаанд. Мардуми ин кишварҳо бо ҳамовозии мардуми тамоми дунё аз мазлумони Фаластин дифоъ мекунанд, вале шайхҳои араб, ки зимоми ҳукуматро дар даст доранд, гаравгони бонкҳои мамолики ғарбанд.

Ҳеҷ имкон надорад, ки агар ин шайхҳои долларпараст нафси аммораи худро лаҷом зада, ба хотири иззату шараф муттаҳид шаванд, кишваре мисли Изроил, ки нуфузаш садяки арабҳо нест, ҷуръат дошта бошад, ки ба номуси миллиашон таҷовуз кунад. Шумо оё шунидед, ки як нафар размандаи Толиб, ДОИШ, Ал-Қоида, Ҷабҳат ан-Нусра ва мисли ин агар мусалмони ҳақиқӣ бошад, ба хотири дифои уммати ислом ба хоки Фаластин рафтааст ва алайҳи Изроил қиём кардааст? Шумо дидед ва ё шунидед, ки як нафар аз наҳзатиёни аврупой, аз “чарогоҳи” роҳат ва амни худ ва кумаки ҳазинаи аврупоиҳо даст кашида, ба хотири дифоъ аз дину мазҳаб ба навори Ғазза рафтааст? Роҳбари ҳизби наҳзат дар яке аз барномаҳои ютубӣ роҳат бо як дӯсти яҳудитабори точикзабонаш бо номи Фирдавс суҳбат дорад. Ин суҳбат бештар масхараро мемонад. Яҳудӣ ҷонибдории худро аз сиёсати наҳзат, ки ҳадафаш бар Тоҷикистон бунёди як кишвари исломист, изҳор мекунад. Роҳбари наҳзат бошад, бо муҳаббат ба таърифи Бани Изроил мепардозад ва теъдоде аз дӯстони яҳудии худро ёдовар мешавад, ки муносибатҳои бародарона доранд. Аз баҳс бармеояд, ки ин тоифа ҳеҷ муқаддасотеро қоил нестанд. Барои инҳо фарқ надорад, ки чиҳати расидан ба аҳдофашон, кӣ кумаки молӣ мекунад: яҳудӣ, араб ва ё эронӣ...

Пас ин доду фарёд ба хотири дифоъ аз диёнат ба хотири чист? Оё ба хотири ба даст гирифтани қудрат ва бо амри нафс фароҳам овардани зиндагии роҳат нест?

ХУЛОСА

Чаро кишварҳои аврупоие мисли Олмон, ки ба “холокост”-наслкушии яҳудиён даст доранд, дар қаламрави худ давлатеро ба унвони Изроил бунёд накарданд, то амалҳои ваҳшиёнаи худро пеши ин қавм ҷуброн кунанд? Чаро бояд ҳақи бунёди чунин давлат бо сукунати яҳудиёне, ки ҳафт пушташон дар кишварҳои дигар таваллуд ва бузург шудаанд, бо наслкушиву кӯчбандии иҷбории мардуми бумии Фаластин, ки ҳазорон сол ин ҷониб дар навори Ғазза зиндагӣ доранд, анҷом ёбад?

Паёмади ин мочаро талафоти ҷонии мардуми бегуноҳи араб, масехӣ ва яҳудӣ хоҳад буд: то даме, ки СММ бозичаи дасти абарқудратон аст ва дар ҳалли ин қазия тасмими ҷиддӣ нагирад, то даме, ки кишварҳои ғарб аз стандартҳои дугона дар сиёсаташон даст намекашанд, то даме, ки кишварҳои араб бо созмону лигаҳояшон иззатро бар нафс тарҷеҳ намедиҳанд...

Ба андешаи мо ягона роҳи сулҳ дар минтақа бозгашт ва барқарор кардани сарҳади соли 1967 аст, ки СММ ва аксари кишварҳои ҷаҳон зери он имзо гузоштаанд, вагарна оташи ин ҷанг тамоми кишварҳои минтақаро фаро хоҳад гирифт ва паёмадҳои шум хоҳад дошт...

Саломиддин МИРЗОРАҲМАТОВ,
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

Маош

Зулайхо аз модараш мепурсад:

- Модарҷон, чаро замин мечунбаду осмон не?

Модар:

- Ҳар вақте ки дадот маош мегирад, осмон аз замин ҳам сахттар мечунбад, духтарҷон!

Хоб

Духтар ба ҷавони дӯстдоштааш мегӯяд:

- Тамоми шаб хоб дидам, ки дучархаронӣ мекунам.

Ҷавон мегӯяд:

- Ман бошам, дар хобам ишқварзӣ кардам.

Духтар хурсанд шуда:

- Ҳамроҳи ман?

Ҷавон мегӯяд:

- Нее, ту бо дучархаат ба кӯчое рафтӣ...

Хар

Корманди БДА мошинеро, ки ронандааш зан аст, манъ мекунад. Зан тирезаро кушода, ба нозир хуҷҷатҳояшро дароз карда, боодобона мегӯяд:

- Рӯз ба хайр!

Ҳамин дам садои кӯдакона аз нишастгоҳи ақиб баланд мешавад:

- Оча, хари гуфтагиатон дар кучо аст?



Имконият

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:

- Чаро даст ба дуздӣ задӣ?

Мард мегӯяд:

- Аз назди бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштаҷоти “Имкониятро аз даст надеҳ!” афтод.

Моҷаро

Дар байни кӯча ду нафар бо ҳам муноқиша мекунанд. Марди якум мегӯяд:

- Гӯсфанд!

Марди дуюм дар ҷавоб:

- Худат гӯсфанд!

Роҳгузаре ҷанҷоли онҳоро шунида, мегӯяд:

- Модоме ҳардуятон хешу табор бошед, барои чӣ моҷаро мекунед?

Савол

Харидор мехоҳад ба асаби қассоб расад:

- Ин гӯшт дар зинда будаташ “мияв” мегуфт ё “вов-вов”?

Қассоб:

- Ин гӯшт дар вақти зинда будаташ ҳар хел савол медод!

Дубай

Мард ба дӯсташ мегӯяд:

- Бехтарин лаҳзаҳои умрам марбут ба сафари Дубай аст.

Дӯсташ дар ҷавоб:


- Баҳ-баҳ, Дубай рафтӣ?

Мард мегӯяд:

- Не, порина занам рафта буд.

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

Сканворд



Амрикоро тоҷик кашф кард



Соли 2011 сафари Амрико доштем. Дар шаҳри Рочестер дар маҳфиле вақте сухан аз таърихи Амрико мерафт, банда низ ба баҳс ҳамроҳ шуда, кашфи Амрикоро аз тарафи Колумб рад карда, гуфтам:

- Тибқи маъхазҳои таърихие, ки мо дар даст дорем, Амрикоро на Христофор Колумб, балки сайёҳи тоҷике бо номи Амир кашф кардааст, ки дар тамоми ҷаҳон машҳур буд ва ӯро бо эҳтиром Амир-ако ном мебурданд.

Аҳли маҳфил суханҳои маро бо диққат гӯш карданд ва ҳатто бархе дафтарчаҳои худро кушода, ба навиштан шуруъ намуданд. Чун ин рафтори онҳоро дидам, ҷиддӣ истода, фикри худро асоснок кардан шуда, гуфтам:

- Ман дар ин мавзуъ тақиқоти журналистӣ анҷом додам ва 10 сол заҳмат кашидам. Омӯзиши банда нишон дод, ки воқеан Амрикоро на Америго Веспуччи ва на Христофор Колумб, балки тоҷике бо номи Амир кашф кардааст. Хиристофор Колумб дар эълонаш соли 1492 Амрикоро кашф карда буд, аммо Амир-ако инро ҳанӯз дар асри 9 кашф карда буд. Ҳамроҳи ӯ Мардон Валадзода ном олиме буд, ки заминсоз буд. Маҳз Мардон Валадзода ин қитъаро ба ифтихори сайёҳи бузург Амир «Амир-ако» ном ниҳод ва туркҳо, ки ако гуфта наметавонистанд, Амир-ака мегуфтанд. Баъдтар номи Мардон Валадзодаро низ немисҳо дуздида, Мартин Валдзеемюллер гуфтанд ва ҳатто эълон карданд, ки номи Амрикоро дар харита маҳз ҳамин шахс ҷой кардааст. Ҳол он ки, Валадзодаро бинобар заминсоз буданаш русҳо землемер мегуфтанду немисҳо ба номи худ мувофиқ карда, ӯро Валдзеемюллер гуфтанд. Ҳамин тавр, ин кашфиёти бузурги гузаштагони мо дуздида шуда, ба номи дигарон гузашт.

Агар ба талаффузи дурусти ин қитъа ҳам нигоҳ кунед, Амир-ака ва Амир-ако дурусттар аст. Аммо баъдтар ин навиштаҳо ба талаффузи мардуми Аврупо ва Амрико мувофиқ карда шуда, шакли Америкаро соҳиб шуд. Мисли шаҳри Чорҷӯи Туркманистон, ки имрӯз Чарджев ва Чӯпон-Атои Самарқанд, ки мрӯз Чӯпон-Ота шудааст.

Ҳама дар баҳс шуданд ва ман ба ҷои худ нишаста, худ ба худ гуфтам:

- Яке ҳамин гуфтаҳои ман рост бошад чӣ? Яке воқеан Амрикоро Амир-ако кашф карда бошад чӣ? Номаш мувофиқ меояд ку...

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА